

149702

Мирсаид Миршакар

# Дурдонаҳои Амрита

Дар навиштани ин қисса мададгор ва илҳомовари ман китоби «Наш друг — дельфин» буд. Ба мусаннифони китоби мазкур олимон В. Белькович, С. Клейненберг ва А. Яблоков изҳори ташаккур ва миннатдорӣ мекунам.

(МУАЛЛИФ.)

Барои дастрасии китобҳои ҷолибу судманди дигар ин навиштаҷотро пахш кунед ё ба сомонаи зерин гузариш кунед:

t.me/kitobju



мирсаид
миршакар

# ДУРДО-
# НАҲОИ
# АМРИТА

НАШРИЁТИ „ИРФОН"
Душанбе—1971

М 60
Тоҷик

7—6—1 / 206—71

Хонандаи азиз! — Повесте, ки ҳоло дар даст дорӣ, ба ту аз садоқати беандозаи дельфинҳо нисбат ба инсон, аз зиндагии ҳайвоноти баҳрӣ ва аз ишқу муҳаббати поки Рамишу Амритаи ҳиндустонӣ ҳикоят хоҳад кард.

Государственная
Респуб. библ. Таджик. ССР
им. А. Фирдоуси
1140702
тоҷикӣ

Рассом Д. Винокуров.

# I



## БО НОМИ ИШҚ БА САФАР БАРОМАДАМ

* * *

## ҲАБСХОНАИ БАҲРӢ НА ДАР ДОШТУ НА ДЕВОР

* * *

## БОБОИ 27 СОЛА СОҲИБИ НАБЕРАЮ АБЕРА

Маро дигар тоқати дидани чашмони ашколуди Амрита набуд. Қасам ёд кардам, ки аз қаъри баҳр халта-халта дурдона берун меорам ва ба зери пои Амрита мерезам. Бигузор духтарҳои давлатманду савдогарон бинанд, ҳасад баранд.

Ҳангоми сафар Амрита кӯдакона бо овози ларзон пурсид:

— Наметарсӣ?

— Ишқ бо ман аст,— ҷавоб додам ман.

— Танҳо ишқ?

— «Ишқ,— мегӯяд Мильтон,— худоест тавоно, озод, ягона ва чунон ки мегӯянд, аз ҳеҷ чиз наметарсад ва ба ҳеҷ кас тараҳҳум намекунад!»

Ба баҳр баромадам. Аммо...

Маро се рӯз пеш ва ҷӯраҳои дарьёиям, дельфинҳои ҷавон Бинипучуқ, Хуршед ва Маҳтобро баъд аз ду рӯз наҳангшаклони уқьёнус ба ҳабс гирифтаанд.

Ҳабсхонаи баҳрӣ на дар дошту на девор, на бому на пойгаҳ. Се ҳайвони наҳангшакл маро посбонӣ мекард. Сардори онҳо наҳангшакли солхӯрдае буд. Аз гуфтораш аён буд, ки ӯ ҷаҳондида ва дар кӯраи зиндагӣ обутоб ёфтааст. Нисбат ба ман меҳрубон буд. Аз паҳлӯям дур

намерафт, мекӯшид, ки бо сӯҳбатҳои ширини худ дили ранҷидаи маро хурсанд кунад.

Ҳамин посбони пир хабар дод, ки бо талаби сардори наҳангшаклҳои уқьёнуси Ҳинд ба ин ҷо барои дидани кори ҷиноятии ману дӯстонам суди байналхалқӣ меоянд. Баъд вай ба ман фаҳмонд, ки судашон адолатпарвар аст.

Боре ӯро амакӣ гуфта фарьёд кардам. Посбони пир хандиду гуфт:

— Ман барои ту бобо мешавам. 27 сола бошам ҳам, лекин соҳиби набераю аберан зиёде ҳастам.

Бобо боз чизе гуфтанӣ буд, лекин якбора оби баҳр ба ҷунбиш даромад. Бобо рост истод ва ба сӯям чашмакӣ зада гуфт:

— Суд бо раису ҷонишину котибот ва аъзоёни худ омада истодааст. Аз қафои онҳо айбдоркунанда ва ҳимоякунандаи давлатӣ ва шоҳидон, даъвогарон ва тамошобинон меоянд.

Дар ҳамин асно яке аз омадагон ба сӯи мо нигоҳ карду наъра кашид. Бобо «маро ҷеғ мезанад» гуфту ба назди онҳо рафт.

## II

### РАИСИ СУД БУРУТДОР, МУОВИНАШ ДАНДОНДОР

* * *

### МАН ХУДРО ГУНАҲКОР ҲИСОБ НАМЕКАРДАМ.

* * *

### ОҚИБАТИ ХОИН—МАРГ АСТ!



Суд сар шуд. Раиси суд наҳангшакли бурутдор, муовинаш дандондор, айбдоркунандаи давлатӣ — бурутдор, ҳимоякунанда дандондор буд. Аъзоёни суд ҳам иборат аз бурутдорону дандондорон буданд. Баробарҳуқуқӣ, шаклан, тантана мекард.

Раиси суд аз ҳар яки мо ба навбат пурсид, ки худро гунаҳкор ҳисоб мекунем ё на? Мо не гуфтем.

Айбдоркунанда бурутҳояшро ҷунбонду «барои ман,— гуфт,— фарқ надорад, ки онҳо худро гунаҳкор медонанд ё на».

Ба дандондорон ин суханони ӯ нафориданд.

Аз қадами аввал боварӣ ҳосил намудам, ки дар байнашон ихтилофе ҳаст.

— Мақсадатон равшан нест,— хитоб кард раиси суд.

— Мақсади ман,— гуфт айбдоркунанда,— аз рӯз равшантар аст. Дар ин уқьёнусе, ки шоҳроҳи киштиҳост, бисьёр истодани мо хавфнок аст. Ҳар чи зудтар корро ба анҷом расонидан лозим аст. Бинобар ин, сарфи назар аз он, ки ҷинояткорон гуноҳи худро ба гардан мегиранд ё на, мо бояд амин бошем, ки онҳо гунаҳкоранд!

Яке аз дандондорон бо овози баланд пурсид:





— Гуноҳи онҳо чист?

Ин суол на ба айбдоркунанда хуш омаду на ба раису аъзоёни бурутдораш.

— Ин суолро,— гуфт айбдоркунанда,— агар дельфинҳои дарьёӣ медоданд, ҷои тааҷҷуб намебуд, лекин аз забони дельфинҳои баҳрӣ...

— Ман фаҳмидан меҳоҳам, ки гуноҳи онҳо чист?— гапи ӯро бурида пурсид боз ҳамон дандондор.

Раис ба айбдоркунанда ишора кард, ки нишинад. Айбдоркунанда норозиёна фармонашро ба ҷо овард. Раис ба ҳозирон муроҷиат намуд:

— Гуноҳи онҳо вазнин аст, хеле ҳам вазнин аст. Фарзанди инсон, ки номаш Рамиш аст ва дар ин ҷо нишастааст ва худро гунаҳкор намешуморад ва маро мутаҳам карданист, ба мақсади фош намудани асрори наҳангшаклони баҳрӣ бо дельфинҳои дарьёӣ дӯстии қалбакӣ пайдо мекунад ва ба ин восита забони муқаддаси модарии моро, ки то ин дам дастнорас буд, омӯхтааст ва баъд аз он яке аз дельфинҳои ҷавони дарьёӣ Нуқраи нокомро бо фиреб савор шуда ,ба баҳр даромадааст. Нуқра ба обу ҳавои баҳр тоқат наоварда дур аз хешу табор ва ёру диёр ҳалок мегардад. Рамиш аз ин хулоса набароварда ба ёрӣ, мана, ин се дельфини дарьёиро даъват мекунад. Хайрият, ки дальфинҳое ки дар ин баҳрҳо истиқомат доранд, дар ғафлат намонда ин гунаҳкоронро даст мегиранд ва ба ҷавобгарӣ мекашанд. Илова бар ин, одамизодро, ки Рамиш фарзанди ӯст, ба он гунаҳкор мекунем, ки ба некии мо бо бадӣ ҷавоб мегардонад, ҳамеша мекӯшад, ки барои манфиати худ наҳангшаклонро бе ҳеҷ гуноҳе қатл намояд. Ин дельфинҳои дарьёиро барои он гунаҳкор мекунем, ки забони модарии моро, ки калиди асрори мост, ба душмани мо ёд додаанд! Гуноҳи онҳо аз Рамиш ҳам вазнинтар аст, онҳо ба авлоди худ хиёнат кардаанд.

Яке аз дельфинҳои дарьёӣ эътироз баён кард:

— Дар ҳаққи одамизод ин тӯҳмат аст.

Наҳангшакле девонавор наъра кашид:

— Барои чӣ тӯҳмат?

— Нисбат ба мо, дельфинҳои гангӣ, одамизод меҳрубон буд, ҳаст ва мебошад!

— Шояд ба шумо, гангиҳо, одамизод ғамхору меҳрубон бошад, лекин барои мо, баҳриҳо, инсон азроили тайёр!

— Суханони шуморо шунида доғҳои кӯҳнаи ман тозатар шуданд,— гуфт бо нолиш наҳангшакли дигаре,— ватани мани сафедпӯсти сиёҳбахт дар Баҳри Сиёҳ буд. Мо аз зоти алфина ҳастем ва зеботарини наҳангшаклони дуньё мебошем. Лекин одамон моро бераҳмона қатл мекунанд ва аз равғани мо собун мепазанд. Беадолатии одамизод буд, ки ман дар ҷавонӣ ба ғарибӣ рӯ ниҳодам.

— Яъне номардона аз ватанат гурехтӣ?— пурсидам ман.

— Барои чӣ маро таҳқир мекунӣ?

— Аз ватан танҳо номардҳо... тарсончаку буздилҳо мегурезанд!

Ин суханони дельфини гангиро ҳозирон бо табассум пешвоз гирифтанд. Ҳатто раиси суд ва айбдоркунандаи давлатӣ бо бурутҷунбонӣ суханони ӯро маъқул донистанд.

— Солҳои дароз дар баҳрҳои бегона ғарибу—хору зор буданам кам буд, ки имрӯз маро дар назди дӯсту душман номарду тарсончаку буздил ҳам меноманд. Худоё!..

Инро гуфта наъразанон чун тир ба ҳаво парид ва

ҳамон тавр баргашта ба об афтид. Хун аз даҳонаш ҷорӣ гардид.

Ҳама бар сари ӯ ҷамъ омаданд ва яке оромона гуфт:

— Ин аст оқибати хоинӣ...

Дар баҳр мурдаро намегӯронанд. Бо иҷозати раиси суд қотилнаҳангони ҳарис дар як лаҳза ҷисми ӯро пора-пора карданд.

III



ШИКОРИ ТИМСОҲ

* * *

ДӮСТИИ МАН БО ДЕЛЬФИНҲО ВА ОМӮХТАНИ ЗАБОНИ ОНҲО

* * *

НАҲАНГШАКЛОН БА ЧАҲОР ГУРӮҲ ТАҚСИМ МЕШАВАНД

* * *

АЗ ЯК ТО 280 ДАНДОН!

Баъд аз танаффуси кӯтоҳе раиси суд аз ман пурсид:

— Рамиш, ҳозирон фаҳмидан мехоҳанд, ки чӣ тавр ва ба кадом восита бо дельфинҳои дарьёӣ шиносӣ пайдо кардӣ ва мақсади ту аз омӯхтани забони муқаддаси модарии мо чӣ буд?

Ман боадабона аз ҷо хеста ба сухан даромадам, ҳозирон бодиққат гӯш мекарданд.

— Деҳи на он қадар калони ман дар соҳили дарьёи Ганг ҷойгир шудааст. Дарьёи Ганг ба халиҷи Банғола мерезад. Дар он ҷое, ки дарьё ба баҳр ҳамроҳ мешавад, соҳили рӯ ба рӯи он қариб дида намешавад. Ба ғайр аз ҷараёни асосӣ ки паҳнои он беш аз даҳ километр аст, боз даҳ шохаи дигаре дорад, ки паҳнои ҳар яке то ба 5 км мерасад. Ин дарьё ватани дельфинҳои зотҳои гуногун аст. Махсусан дар қисми поёнии Ганг ва дарьёи Браҳмапутра, ки дарозии он аз ҳазор километр зиёд аст, дельфинҳои аслии дарьёӣ зиндагӣ мекунанд, ки як зоташонро мо, ҳиндустониҳо, Платанӣ ва дигарашро Гангӣ меномем. Дельфинҳои Платанӣ чашм надоранд, бар пешонаашон мӯи дарозест, ки вазифаи чашмро ба ҷо

меорад. Дарьёи Ганг на танҳо барои инсон, балки барои ҳайвоноте, ки дар он зиндагӣ мекунанд, баробар азизу муқаддас аст.

Мо дар он оббозӣ мекунем, то ки гуноҳамонро бишӯем, оби онро менӯшем, то ки бемор нашавем, моҳиёнашро пухта мехӯрем, то ки гурусна набошем ва тез-тез калон шуда ба Ҳиндустони кабир, ки модари мост, хизмат кунем.

Рӯзе ба деҳаи мо чанд нафар заврақсавор барои шикори тимсоҳ омаданд.

Шикорашон хеле аҷиб буд. Дар соҳили дарьё дар ҷои намоёне баррачаеро мех мезаданд. Дуртар худашон дар камингоҳ қарор мегирифтанд. Тимсоҳи гурусначашм ҳамин ки баррачаро дид, чор тарафро нағзакак аз назар мегузаронид ва чун аз набудани хатаре боварӣ ҳосил мекард, ба сӯи баррача равон мегашт. Ҳангоме ки аз об баромада ба баррача наздик мешуд, яке аз шикорчиён номаълум мехеро, ки сари он монанди ханҷари дудама аст, рӯи роҳи ӯ тавре ба замин мекӯфт, ки қисми ханҷармонандаш намоён меистод. Баъд шикорчиён доду фарьёд мебардоштанд. Тимсоҳ хӯсида, бо ҳамон роҳе ки омада буд, бармегашт. Нӯги тези мех шикамашро чок мекард. Тимсоҳ худро ба об мезаду аз назарҳо пинҳон мешуд. Лекин дере нагузашта аввал хунаш, баъд ҷасадаш ба рӯи об мебаромад ва шикорчиён ӯро дар заврақ бор карда ба шаҳр бурда мефурӯхтанд.

Рӯзе, баъд аз рафтани шикорчиён, се нафар бойбоча бо баррачае ба наздам омада «биё шикори тимсоҳ равем» гуфтанд. Маълум буд, ки барои чи онҳо ба ман муроҷиат менамоянд. Ман деҳқонбача ҳастам, ба кори саҳро машғулам, бозуҳои қавӣ дорам. Ба онҳо ёрии ман лозим аст. Агар ба шикори тимсоҳ дилам кашол намебуд, албатта, розӣ намешудам.

Чун ба шикоргоҳ расидем, вазифаҳоро байни худ

тақсим кардем. Баррачаро бурда дар ҷои намоёне бастан ва байни роҳи тисмоҳ мех кўфтанро ба ман супурданд, аз камингоҳ аввал тамошо ва баъд доду фарьёд карданро ба зиммаи худ гирифтанд.

Баррачаро бурда дар ҷои намоёне бастам. Баъд рафта ба камингоҳ даромадам. Ҳамроҳонам, ки мебоист дар паҳлуи ман бошанд, ягон сӣ қадам дуртар аз ман дар чуқурие камин гирифтанд.

Баъд аз интизориҳо тимсоҳи калоне аз байни дарьё сар бардошт. Атрофро бодиққат аз назар гузаронд ва чун чашмаш ба барра ча афтод, ба он сўй шитофт. Ҳамин, ки ба соҳил расид барои эҳтиёт як бори дигар атрофро аз назар гузаронда, баъд ба хушкӣ баромад. Дилам гуп-гуп мезад. Хостам, ки аз ҷо хезаму ба иҷрои вазифаи ба ман супоридашуда кўшам, нохост ба гўшам садои даҳшатноке расид, ки мегуфт: «лаънатиҳо, баррачаамро гашта диҳед!».

Садо торафт наздик шудан гирифт. Ман пай бурдам, ки ин бойбачаҳо барраи ягон камбағалеро дуздиданд. Аз ҷо ҷаста доду фарьёд бардоштам. Ба сўи тимсоҳ то он ки баргашта ба дарьё надаромад хоку санг партофтам.

Духтараке омада баррачаро аз банд халос кард, рўи даст бардошт ва чун назараш ба ман афтод, бо ҳайрати нафратангез ва овози ларзоне гуфт:

— Рамиш?.. Ту ҳам бо онҳоӣ?

Барра ча аз дасташ афтид.

Нигоҳ кунам дар наздам Амрита истодааст. Дар ин лаҳза розӣ будам,ки замин кафаду ман ба қаъри он дароям. Аз хиҷолат чи карданамро надониста ба бойбачаҳо, ки рў ба рўям истода ба ҳоли ман механдиданд, чун бабр ҳамла овардам. Амрита баррачаашро гирифта тозон рафт.

Ҷанг тўл накашид. Яке аз бойбачаҳо номардона бо-

мех бар сарам зад. Сарам чарх заду афтидам. Номардҳо аз тарси ҷони худ мани беҳушро ба об партофта мегурезанд.

Чун ба ҳуш омадам, худро дар лаби дарьё дидам. Аз ҳамроҳонам дар он ҷо касе набуд. Ба сӯи дарьё нигаристам. Дельфинҳои бисьёреро дидам, ки маро посбонӣ мекарданд. Дуртар тимсоҳе танбалона ба сӯи ман менигарист. Пай бурдам, ки наҷотдиҳандагони ман дельфинҳоянд ва ҳоло дар он ҷо барои он истодаанд, ки тимсоҳҳо маро луқмаи хом накунанд.

Бархостам ва ба наҷотдиҳандагонам таъзимкунон ба сӯи деҳа раҳсупор шудам. Дельфинҳо ҳам бозикунон аз соҳил рафтанд.

Он рӯз ҳарчи аз сарам гузашт, ба падарам ҳикоя кардам. Падарам фаҳмонд, ки аз дельфинҳо тарсидан лозим нест, онҳо нисбат ба инсон меҳрубонанд ва ҳамеша мекӯшанд, ки бо инсон дӯсти пайдо кунанд. Махсусан афалинҳо. Ман пурсидам, ки афалинҳо кадомҳоянд? Падарам фаҳмонд, ки афалинҳо навъе аз дельфинҳоеанд, ки одатан дар баҳрҳои гарми дуньё, аз ҷумла дар баҳри Миёназамин ва Баҳри Сиёҳ зиндагӣ мекунанд ва аксар наҷодиҳандаи ғаркшудагон онҳо мебошанд. Истиқоматгоҳи дельфинҳои оддӣ байни баҳр аст. Лекин ҷои дӯстдоштаи афалинҳо қарибии соҳил мебошад. Афсӯс, ки мо забони якдигарро намедонем.

Дигар ҳар рӯз ба ҳамон соҳил мерафтам ва дельфинҳои шинос маро бо шодӣ пешвоз мегирифтанд. Ба ман моҳиҳои хом меоварданд, ман ба онҳо банан ва дигар меваҳои бамаза медодам ва онҳо бо завқ мехӯрданд.

Рӯзе Амритаро ҳам бо худ ба он ҷо бурдам. Дӯстони дарьёии ман аз дасти Амрита мева хӯрданд ва ба вай моҳӣ ҳадья карданд. Баъд аз чанде моро пуштора карда ба тарафи дигари соҳил мебурданду меоварданд.

Бачагони деҳа хусусан бойбачаҳо ба мо ҳасад мебурданд. Бойбачаҳо як рӯз аз ман пинҳонӣ омада бо дельфинҳо бозӣ карданӣ мешаванд. Дельфинҳо ба сӯи онҳо нигоҳ ҳам намекунанд. Зеро одати дельфинҳо ин аст, ки агар бо яке унс гиранд, бо дигаре кор надоранд.

Барои он ки дӯстии мо пойдортар гардад, ба омӯхтани забони дельфинҳо сар кардам. Ин кор осон набуд. Лекин «мушкиле нест, ки осон нашавад, мард бояд, ки ҳаросон нашавад».

Айбдоркунандаи давлатӣ суханамро бурид:

— Онҳо,— гуфт,— ба ту некӣ карданд?

— Барои некиашон як умр аз онҳо розиям.

— Ин тавр ки бошад ,барои чӣ дельфинҳои дарьёиро бо фиребу найранг розӣ кардӣ, ки ҳамроҳи ту ба баҳр дароянд? Магар намедонистӣ, ки барои дельфинҳои Ганг баҳр марги тайёр аст?

— Намедонистам.

— Ба ивази ин нодонии ту Нуқраи бегуноҳ қурбон шуд!

Ман гуфтанӣ будам, ки ин се дельфини дар ин ҷо нишаста ҳам дарьёианд, лекин онҳо аз баҳр наметарсанд, чунки одат кардаанд. Аммо чун номи Нуқраи нокомро шунидам, гирья гулӯямро гирифту қатраҳои ашк рухсораамро шуста фаромад.

— Мо, наҳангшаклон, то ба он дараҷа соддалавҳ нестем, ки ба ашкҳои бардурӯғи ту бовар кунем!— гуфт раис ва рӯ ба тарафи ҳайати суд гардонду эълон намуд:— Шикамам ҳокими ман аст, гурусна мондам, бинобар он, ду соата танаффус эълон мекунам!

Вақти наҳор. Наҳангшаклон ба чор гурӯҳ— дандондорон, бурутдорон, дельфинҳои баҳрӣ ва дельфинҳои дарьёӣ тақсим шуданд.

Гурӯҳи дандондорон дар навбати худ ба се гурӯҳ

ҷудо шуданд. Ба табақаи аввал онҳое дохил мешаванд, ки 280 дандон доштанд. Дандонҳояшон мехчаро ба хотир меовард, барои ҳамин ҳам онҳоро мехак меномиданд. Ба табақаи дуюм онҳое медаромаданд, ки аз 40 зиёд дандон доштанд. Онҳое, ки ба табақаи сеюм медароянд, танҳо як дандон доштанд. Дандонашон печутоб хӯрда ба пеш ҷаҳидааст. Мегӯянд, ки як вақтҳо одамон дандонашонро шох гумон карда, онҳоро якшоха меномиданд. Ин гуна дандонро танҳо нарҳо доранд ва онро асосан барои мудофиаи аҳли оила ба кор мебаранд.

Аз ҳама аҷибаш онҳое, ки аз ҳама калон буданд, майдатарин кирмҳоро мехӯрданд. Аммо дельфинҳои хурд моҳиҳои калон ва дельфинҳои дарьёӣ ҳатто алафу меваро мехӯрданд.

Ман бо ҳайрат аз бобо пурсидам:

— Барои чӣ ҳайвонҳои калон чизҳои хурдро мехӯранд? Наход, ки шикамашон хурд бошад?

Посбони куҳансол хуб хандид, баъд бо сартакондиҳӣ ашкашро тоза карда гуфт:

— Магар шиками ин гуна ҳайвонҳо хурд мешавад? Дар шиками ҳар яки аз онҳо зиёда аз ду тон кирм ҷойгир мешавад.

— Барои дастгир кардани ин қадар кирмҳо вақти зиёде даркор?

— Дар баҳр ҷоҳои махсусе ҳастанд, ки он гуна кирмҳо зиндагӣ мекунанд. Онҳо аксар вақт ба рӯи баҳр паҳн мешаванд. Наҳанг наздиктар омада, бо шиддат ба гирди худ чарх мезанад ва гирдоби калоне ба вуҷуд меояд. Дар як лаҳза чандин миллион кирмча дар як ҷо ғун мешаванд ва наҳанг онҳоро нӯши ҷон мекунад.

Баъд бобо оби даҳонашро тоза карда пурсид:

— Чаро наҳорӣ намехӯрӣ? Марҳамат, биё ҳамроҳ наҳорӣ кунем.

Ман изҳори миннатдорӣ карда, фаҳмондам ки одамизод таоми хомро намехӯрад, агар хӯрад, касал мешавад.

Бобо суоломез ба дельфинҳои дарьёӣ нигарист.. Яке аз онҳо фаҳмонд:

— Ҳамин замон барояш наҳорӣ меоранд.

— Кӣ ва дар куҷо мепазанд?

— Модараш мепазад, яке аз мо рафта онро гирифта меорем.

IV

## АМРИТА ДУХТАРИ МУАЛЛИМ, АММО МАН ДЕҲҚОНБАЧАИ ОДДӢ



Аз дур ду нафар намоён шуданд, ки бошитоб ба сӯи соҳил меомаданд. Яке модари пири ман буд. Аммо дуйӯмаш? Наход, ки Амрита бошад? Оре, Амрита аст. Амритаи ман!— гуфта хурсандона аз ҷо ҷаҳидам. Бобо «ором шав, дар ҷоят шин,— гуфт,— ман метарсам, ки ҳамроҳонам, туро «гурехтанист» гуфта пора-пора накунанд!» Дар ҷоям нишастам.

Амрита духтари муаллим. Ман бошам деҳқонбача. Аммо барои чӣ бошад, ки вай аз хурдсолӣ танҳо бо ман бозӣ мекард. Бойбачаҳо дар рӯзҳои ид либосҳои тозаю зебо мепӯшиданд, ҳар бор ба ӯ таклиф мекарданд, ки бо онҳо ба сайру гашт равад, бозӣ кунад, лекин вай намехост. Мани ноинсоф, агар гоҳе бо духтаракони дигар ҳамгап мешудам, Амрита чизе намегуфт ва ба гӯшае рафта гирья мекард.

Вақте ки дар деҳи мо мактаб кушоданд, Амрита тозон омада гуфт, ки падараш муаллими ин мактаб таъин шудааст. Рӯзи аввал тамоми талабагон якҷоя, бо ашӯлахонӣ ба мактаб рафтем. Рӯзи дуйӯм ман каме дер мондам, ба кӯча баромада бинам, ҳама рафтаанд, касе интизорам нашудааст. Хостам, ки тозон равам. Овозе ба гӯшам расид, ки мегуфт: «Бе ман?»,

Ин овози Амрита буд. Омада ба ман ҳамқадам шуд ва кӯдакона бо забони ширин худситоӣ кард. Падараш гӯё ба ӯ гуфта бошад, ки ҳамроҳ ба мактаб раванд, лекин Амрита нахостааст.

— Медонӣ барои чӣ?— пурсид Амрита аз ман чашм наканда ва худаш ҷавоб гардонд,— барои он ки ҳамроҳи ту бошам.

Дар он вақтҳо ҳар дуи мо ҳанӯз хурдсол будем. Дилҳои мо чун оинаи булӯр соф буд. Мо чизеро аз якдигар пинҳон намекардем.

— Ман гуфтам, ки,— давом дод Амрита,— бо Рамиш меравам! Падарам чизе нагуфт. Аммо модарам пурсид: «Барои чӣ бо Рамиш?» Ман гуфтам, ки Рамиш бачаи хуб аст. Танҳо бо ман бозӣ мекунад... Бо духтарҳои дигар бозӣ намекунад. Ҳамеша ва дар ҳар кучо тарафи маро мегирад, роҳ намедиҳад, ки бачагони беадаб маро ранҷонанд. Рост мегӯям, Рама?

Рама номи қаҳрамони афсонавист. Аммо намедонам, ки барои чӣ Амрита маро ҳар бор Рама меномид ва хурсанд мешуд.

— Дуруст мегӯям, Рама?

Амрита ҳар бор бо чеҳраи шукуфон ба сӯям менигарист ва маъсумона интизори ҷавоб мешуд. Ман ҳам намехостам, ки ӯ ранҷад. Дарҳол «ҳа» мегуфтам ва хурсандии ӯ меафзуд.

— Ман,— мегуфт вай,— донистам, ки ту «ҳа» мегӯӣ. Ман бародар надорам, ту бошӣ хоҳар надорӣ.

Бале, дар он рӯзҳо ман ҳам ҳамин тавр фикр мекардам,— модоме ки хоҳар надорам, Амрита хоҳари ман мешавад ва ман бародари ӯ. Фикри дигаре дар сари мо набуд. Ақли мо барои офаридани ягон фикри тозае намерасид.

Боре китобдонамро кушода, бинам дар он ҷо чаппотӣ ва ду дона банан истодааст. Ба ҳайрат ба сӯи

Амрита нигаристам. Вай табассум кард. Ин кораш ба ман таҳқир менамуд. Вақте ки бачагон рафтанд ва дар мактабхона дуи мо мондем, чаппотӣ ва бананҳояшро гардонда ба худаш додам. Дасту пои Амрита ба ларза даромад ва ӯ бо овози ҳастае сабабашро пурсид. Дар ҷавобаш «ман гадобача нестам, ки ба ман бахшиш диҳанд,» гуфтаму дағалона китобдонамро бардошта рафтам.

Дере нагузашта оташи қаҳрам паст шуд, аз рафторҳои дағалонаи худ пушаймон шудам. Аммо чи карданамро надонистам. Хостам ба хонаашон рафта, бар зонуҳоям нишаста узрхоҳӣ кунам. Лекин бевақтии шаб буд. Дарсамро тайёр накарда хобидам. Аммо хобам набурд. Тамоми шаб оҳ мекашидаму худро ҳақорат медодам. Барои ман шуда модари бечораам на хоб дошту на роҳат. Ҳар боре, ки оҳ мекашидам, «писарам ба ту чӣ шуд? гуфта ба наздам меомад, ба пешониям даст мегузошт, фаҳмидан мехост. ки таб дорам ё на. Боз «хоб кун ҷонакам» мегуфту ба ҷои хобаш мерафт...

Саҳарӣ чизе нахӯрда китобдонамро бардошта ба кӯча баромадам Амритаро дар ҳамон ҷое ки ҳар рӯз бо ҳам вомехӯрдем, наёфтам. Сӯи мактаб қадам гузоштам. Ба ногоҳ Амритаро дидам, ки пеш-пеши ман мерафт. Бо овози маҳзун фарьёд кашидам: «Амрита!»

Амрита истод. Ман тозон худро ба наздаш расондаму узрхоҳона салом додам. Амрита ваалайкум гуфт. Ашк дар чашмони калону сиёҳаш чарх зад. «Ба ту чӣ шуд?», пурсидам. Вай сар набардошта шикоят кард, ки «ман туро бародарам гуфтам, на гадозода». Ту бошӣ ранҷидӣ.

Ман узрхоҳӣ карда фаҳмондам, ки асло наранҷидаам, шӯхӣ кардам. Амрита пурсид, ки пас чаро хотирам парешон аст? Ман фикр накарда «модарам каме нотоб аст» гуфтам.

Бори аввал дурӯғ гуфтам ва худро дар бало андохтам.

Амрита бо қатъият пурсид.

— Модарат, ки касал бошад, чаро барвақттар нагуфтӣ? Аҷаб фарзанди сангдил будаӣ! Ту дар ин ҷо интизори ман шав, ман ҳозир рафта аз модарам хоҳиш мекунам, ки ба касалбинӣ равад, агар лозим шавад, ба ӯ дору диҳад.

Ман бетоқат шудам. Охир агар Амрита фаҳмад, ки модарам касал нест, он вақт...

Аз дасти Амрита доштаму «ба ҳеҷ ҷо намеравӣ!» гуфтам. Модарам, гуфтам, як кампири худопараст аст ва аз дасти ҳар кас дору қабул намекунад.

Хайрият, ки Амрита мулоим шуд ва фикри маро тасдиқ намуд:

— Дар ҳақиқат доруро аз дасти ҳар кас қабул кардан хуб нест... Лекин ҳар чи бошад, баъд аз мактаб як ба назди модарат медароям. Агар касалиаш ҷиддӣ бошад, аз падарам хоҳиш мекунам, ки табиб даъват кунад... Чӣ гуфтӣ, Рама?

— Ноилоҷ розӣ шудам...

## V

**ДЕЛЬФИНҲОИ ДАРЬЁИ МАРО ҲИМОЯ МЕКУНАНД.**



* * *

**САФАРИ ШОИРИ ЮНОНИ ҚАДИМ АРИОН, ХИЁНАТИ СОҲИБОНИ КИШТӢ ВА ОГОҲ ШУДАНИ ДЕЛЬФИНҲО**

* * *

**ХУДОВАНДИ БАҲР ПОСЕЙДОН БАРОИ ҶУСТУҶӮИ МАҲБУБАИ ХУД АЗ ДЕЛЬФИНҲО ЁРӢ МЕПУРСАД.**

* * *

**НИГИНИ ОДИССЕЙРО СУРАТИ ДЕЛЬФИН ОРО МЕДИҲАД**

Ғарқи хаёлоти ширине будам, ки дельфини дарьёӣ ба наздам омада гуфт:

— Мо, гангиҳо, маҷлиси машваратӣ доштем. Даъвои дельфини Баҳри Сиёҳ моро ба ташвиш андохтааст! Мефаҳмӣ?

— Вай мурд-ку,— фаҳмондам ман.

— Вай мурда бошад ҳам, суханонаш зиндаанд. Айбдоркунанда онҳоро ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунад.

— Маҷлиси машваратии шумо ба чӣ қарор омад?

— Ба яке аз дельфинҳои тезрави баҳрӣ, ки аз зоти Сафедак аст, сад кило банан ваъда карда хоҳиш намудем, ки тез ба Баҳри Сиёҳ равад ва аз аҳволи дельфинҳои он ҷо бохабар шавад.

— Кори хубе кардед!

— Лекин сад кило бананро аз куҷо меёбем?

— Ягон илоҷ мекунем.

Дельфине буғчаеро оварда ба наздам гузошт. Онро гирифта кушодам. Дарунаш биринҷи ҷӯшонда, се дона чаппотӣ, ҳалвоҳои рангоранг, банан ва меваҳои дигар буданд.

Бананҳоро ба бобо додам. Бобо онҳоро дарҳол хӯрд ва ҳалвоҳоро нишон дода бо ҳайрат пурсид:

— Инҳо чианд ва дар куҷо онҳоро дастгир кардаанд?

— Инҳо,— фаҳмондам ман,— ҳалвои банғолианд. Банғолиҳо дар ҳалвопазӣ шӯҳрат доранд. Танҳо аз орди гандум шаст хел ҳалво мепазанд!

— Барои ман ин сухононат чун афсона ширину чун ҳубоб холӣ менамояд. Беҳтараш мана он сурхаку сафедакро дар даҳонам андоз, то бубинам, ки ин афсона аст ё ҳақиқат.

Бобо бо чашмони пурхумор даҳонашро кушоду интизори ҳалво шуд .Ман ҳашт дона ҳалворо ба даҳонаш андохтам. Ҳалвоҳо чунон ширин буданд, ки гулӯи бобоpo гирифтанд ва бобо сулфидан гирифт.

* * *

Баъд аз наҳор аҳли маҳкама лозим донистанд, ки баъзе масъалаҳои муҳимро пешакӣ муҳокима кунанд ва бо ин роҳ ба маҷлиси суд якдилона оянд. Дар охири сӯҳбати дурудароз ҳимоякунандаи давлатӣ, ки аз гурӯҳи дандондорон аст, ба раис ва аъзои суд мурочиат карда гуфт:

— Гуноҳи одамизод чист?

— Ба қадри некии мо намерасад! такрор кард сухонони дӯстдоштаашро айбдоркунандаи давлатӣ.

— Чунки аз меҳрубонӣ ва садоқати дельфинҳо нисбат ба инсон бехабар буд. Худи дельфинҳо ҳам дар гузашта қаҳрамоние зоҳир накардаанд!

Дандондор ранчид ва фарьёд кашид:

— Гапатонро дониста занед. Мо ҳанӯз зиндаем! Талаб мекунем, ки узр хоҳед!

Раис тасдиқкунон сар ҷунбонду фармон дод:

— Узр хоҳед!

— Агар аз ман гуноҳе гузашта бошад, бубахшед, мӯҳтарам ҳимоякунандаи давлатӣ. Ман шуморо таҳқир карданӣ ва ба қатори мурдаҳо даровarданӣ набудам. Лекин онҳоро, ки аз гузаштаю ояндаи худ бехабаранд, зинда хондан беҳтар аз таҳқир аст!

— Чиро дар назар доред?

— Тамоми таърихи мо иборат аз он аст, ки мо ба одамизод некӣ мекунем ва аз одамизод бадӣ мебинем.

— Чун тӯтии шакарминқор танҳо як гапро такрор кардан хуб нест. Беҳтараш далеле биёр, ки боварибахш бошад.

Айбдоркунанда ба бурутдоре, ки таърихшинос буд, ишора кард, ки чизе гӯяд. Таърихшиноси бедандон ба сухан даромад:

— Шаш аср пеш аз милод дар Юнони қадим Арион ном шоир ва сарояндаи фалакларзоне будаст, ки мардуми кишвар дар орзуи шунидани овози баландпарвози ӯ будаанд. Одамон аз гӯшаҳои дуру наздики дуньё барои шунидани овози ӯ ба пойтахти Юнон меомадаанд. Мегӯянд, ки агар аз далерӣ сухан гӯяд, сипоҳи ватан дар муҳориба ғолиб меомадаст ва агар аз ишқ месурудаст, харобазор гулистон, дили пир ҷавон, офтоби муҳаббати ошиқ ва маъшуқ шӯълавар мегардидааст. Ҳамин Арионро барои иштирок дар мусобиқаи сарояндагони хушхон боре ба ҷазираи Сицилия даъват мекунад. Вай ин даъватро қабул мекунад.

Аҳли ҷазира ӯро бо гулдастаҳо, табассумҳои гарму ширин ва чеҳраҳои хандону шукуфон пешвоз мегиранд. Арион аз ин пазироӣ илҳом гирифта, дар мусобиқа ғо-

либ мебарояд ва симу зари бисьёре инъом мегирад.

Дар бозгашт соҳибони киштие, ки Арион савори он будааст, маслиҳат мекунанд, ки ӯро кушта симу зарашро байни худ тақсим кунанд.

Арион на танҳо хушовоз, балки зираку дилогоҳ ҳам будааст. Аз мақсади киштиронон воқиф гашта, ба чунин қарор меояд, ки симу зарро дубора ёфтан мумкин аст, аммо ҷонро не. Ҳангоме ки киштиронон ба сари ӯ даст мебардоранд, ӯ дарҳол симу зарро назди онҳо мегузорад ва илтимос мекунад, ки ҷонашро ба ӯ бахшанд. Лекин киштиронон медонистанд, ки агар ӯ зинда монад, онҳоро фош хоҳад кард. Ин буд, ки ба вай таклиф мекунанд:

— Мурданат шарт аст. Аммо агар хоҳӣ, ки туро дар зодгоҳат дафн кунанд, худатро бо корд мекушӣ ва агар хоҳӣ, ки ҷисми ту луқмаи моҳиёни баҳр гардад, худатро ба об мепартоӣ. Роҳи сейӯм нест.

Ҳофиз роҳи дуйӯмро интихоб мекунад. Киштиронон таклиф мекунанд, ки пеш аз марг намоз хонад. Арион ба ҷои намоз дар васфи ёру диёри зебояш бо лира суруд мехонад, донаҳои ашк рухсори ӯро мешӯянд. Албатта, ашки Арион барои ҷони худ набуд. Вай барои он ашк мерезонд, ки нобакорони зарпараст ватани азизи ӯро аз чунин ҳофизи хушовоз маҳрум мекунанд.

Ҳофиз ба сӯи диёраш, ки хеле дур монда буд, дастафшон охирин бор алвидоъ мегӯяд ва худро ба туғьёни баҳр мепартояд.

Сардори киштиронон чун ба манзил мерасад, ба подшоҳ арз мекунад, ки ҳофизи номдори ӯ худро дар баҳр партофт. Аз чашмони подшоҳ ашк равон мешавад.

Дере нагузашта худи Арион ҳозир мешавад ва ҳар чи аз сари ӯ гузашта буд, ба подшоҳ ҳикоя мекунад.

— Пас туро кӣ наҷот дод? — мепурсад подшоҳ-.

— Дельфинҳо,—,— ҷавоб медиҳад Арион.

Ҳимоякунанда дарҳол мегӯяд:

— Аммо инсон ба дельфинҳо бадие накардааст!

— Лекин барои ин гуна некӣ ҳатто миннатдорӣ ҳам изҳор накардааст.

— Вале на ҳамаи подшоҳон боадолат будаанд,— гуфт дандондоре.— Барои ин ҳам шумораи онҳо рӯз аз рӯз кам мешавад.

— Беҳтараш мисоле оред.

— Худованди баҳр Посейдон дар яке аз саёҳатҳои дурударози баҳриаш бо як нигоҳ ба Амфитрити соҳибҷамол ошиқ мешавад ва ризояшро напурсида ӯро арӯси худ эълон мекунад. Амфитрити соҳибҷамол, ки арӯси Строптив будааст, нахостааст, ки аз шахси дӯстдоштааш ҷудо шавад, бинобар ин мегурезад ва дар қаъри баҳр пинҳон мешавад.

Худованди баҳр барои ҷустуҷуи маҳбубаи худ ба дельфинҳо муроҷиат мекунад. Дере нагузашта дельфинҳо хабар медиҳанд, ки маҳбубааш дар яке аз ғорҳои қаъри баҳр паноҳ бурдааст.

Посейдон хурсанд мешавад ва барои ин хизматашон дар осмон ситораи нав меофарад ва ба он Дельфин ном медиҳад.

...Вақте ки ин қиссаро шунидам, ғарқи хаёлоти ширине гардидам. Ёдам омад, ки ҳар гоҳе аз мактаб бармегаштам, Амритаи ман мепурсид: «Рамиш, мурод аз хонданат чист?» Ман дарҳол ҷавоб медодам, ки кайҳоннавард шудан мехоҳам ва барои ин мехоҳам, ки бо кайҳоннавардони советӣ дӯстӣ пайдо кунам, ба воситаи мукотибот аз онҳо маслиҳат гирам. Агар дар солҳои наздик дар Ҳиндустони мо мактаби кайҳоннавардон кушода нашавад, барои таҳсил ба Москва меравам.

Амритаи кунҷков мепурсид, ки «Маро ҳам бо худ ба Москва мебарӣ?» Ман бо қатъият мегуфтам, ки агар падару модарат розӣ шаванд, туро на танҳо ба Москва,

балки ҳамроҳ то ба Миррих мебарам. То ба худди Миррих!

Амрита мегуфт: «Чӣ орзуи ширине, лекин падару модарам розӣ намешаванд. Ман фарзанди ягонаи онҳо ҳастам».

Ман барои тасаллои дили ӯ чизе гуфта натавонистам. Лекин ҳамин ки аз чанголи ин «адолатпарварони баҳрӣ» раҳоӣ ёбам ва ҳамин ки бо Амрита во мехӯрдам, пеш аз ҳама мегӯям, ки агар дар сафари коинот бо ман рафта натавонӣ қасам мехӯрам, ки ба фурӯзонтарин ситора Амрита ном медиҳам...

* * *

Баҳс торафт метасфид. Чун қиссаи худованди баҳр ба охир расид, раис гуфт:

— Афсонаи ҳазору як шаб.

— Бигузор ин афсона бошад, аммо ситораи Дельфин афсона нест.

— Боз ягон ривояти дигарро медонӣ?

— Ин қисса ҳам хеле машҳур аст, ки Томмах — писари Одисей дар хурдсолиаш хело шӯх будааст. Рӯзе ҳангоми бозӣ аз киштӣ ба баҳр меафтад. Дельфинҳо ӯро наҷот медиҳанд. Одисей ба ин муносибат дар нигини худ, ки аз қимматтарин ҷавоҳирот буд, сурати дельфинро мекашад.

Ба ин чӣ мегӯед ҷанобон?!

Ин суоли хитобомез ба бурутдорон хуш наомад. Умуман, ба онҳо ин рафторҳои одампарастонаи дандондорон намефорад, мекӯшиданд, ки бо суолу хитобҳои дағалона дандондоронро мот кунанд. Лекин ин кор душвор буд, чунки дандондорон инсонро тарафдорӣ менамуданд.

## VI



**ЗИНДА БА ЗИНДА ГӮРОНДАНИ ДУХТАРОНИ БАДБАХТ**

* * *

**БАРОИ ГУРБАҲО ҚАСР, БАРОИ МАЙМУНҲО ШАҲРЧА!**

* * *

**ҶАЗОИ БАРЗАГОВ—АВВАЛ ҲАБС, БАЪД СУД ВА БАЪД ҚАТЛ!**

Бурутдор ба гӯши айбдоркунанда чизе гуфт ва ба сӯи мо наъра кашид. Бобо ба ман фаҳмонд, ки «Туро чеғ мезанад, рав, лекин эҳтиёт шав, ки бурутдорон бадҷаҳланд, агар қаҳрашон ояд, фарзандашонро ҳам порапора мекунанд».

Аз дельфинҳои дарьёӣ хоҳиш намудам, ки агар ҳодисае рӯй диҳаду ман баргашта наоям, ба Амрита саломи маро расонанд ва гӯянд, ки то нафаси охирин ёди ӯ бо ман буд.

Ба назди наҳангшаклон рафтам. Ҳамон бурутдор бурутҳояшро се бор ҷунбонда бо тамасхур пурсид:

— Ту инсон ҳастӣ, мо ҳайвон. Ба мо фаҳмон, ки барои чӣ инсон худро аз мо боло мегирад?

— Ва умуман ҳайвонро намеписандад,— илова кард бурутдори дигаре.

Ман, росташ, ки аввал каме тарсидам. Лекин сир надодам, чунки ҳайвон бояд ҳамеша ақидае дошта бошад, ки инсон аз вай тавонотар аст. Набошад ба як мижа задан ӯро несту нобуд мекунад. Агар мор дар нигоҳи морбоз заррае ҳарос бинад, ба фармони ӯ итоат

намекунад. Ин буд, ки шердил шудам, ба суолҳо бебокона ҷавоб гардондам.

— Шумо ҳато мекунед,— гуфтам, инсонро барои он ҳамду сано мехонанд, ки вай аз дараҷаи ҳайвонӣ ба инсонӣ қадам гузошта тавонист ва олами бесару нӯгро ба интизом даровард. Агар инсон лаҷоми ҳастиро ба дасти худ намегирифт, ҳайвонҳо кайҳо якдигарро мехӯрданд ва нест мешуданд.

— Худситоӣ бас аст! Агар лозим ояд, худи туро мехӯрем,— дод зад аз гӯша наҳангшакле.

Ҳис намудам, ки ин суханҳоро барои худ таҳқир медонанд, барои ин ҳам гӯшаки гапро ба дигар тараф тоб додам.

— Бо вуҷуди ин инсон як вақтҳо ҳайвонро муқаддас медонист.

— Барои мисол!

Дар Мисри қадим беш аз сад ҳайвонро муқаддас медонистанд. Он тимсоҳеро, ки имрӯз худи шумо нафрат мекунед, дар гузашта мисриён муқаддас медонистанд. Дар мавсими обхезӣ дар Нил тимсоҳҳои бисьёре меомаданд ва мисриён гумон мекарданд, ки оби Нил ба туфайли тимсоҳҳо зиёд шудааст. Об ҳаёт аст. Бе об зиндагонӣ нест. Барои ин ҳам тимсоҳро чун оварандаи зиндагӣ муқаддас медонистанд. Ҳол он ки тимсоҳҳо обро не, об тимсоҳҳоро ба он ҷо меоварад.

Ҳеродот баъд аз сафари Миср навиштааст, ки дар боғҳои дилкушои он мамлакат ҳавзҳои мармарие ҳастанд, ки дар онҳо тимсоҳҳо умр ба сар мебаранд. Онҳо бозубандҳои тилло ва сарбандакҳои бо дуру ҷавоҳирот оро додашуда доштанд. Рӯҳониён дар табақҳои нуқра гӯшти бирьёни ҳайвонот оварда бо эҳтиром наздашон мегузоштанд.

— Барои чӣ гӯшти ҳайвон? — дод зад бурутдоре ва

интизори ҷавоб нашуда гуфт,— чунки ҳайвон бесоҳиб ва беаслиҳа аст.

Ман, гӯё ки нафаҳмида бошам, суханамро давом додам:

— На танҳо ҳайвонро, балки инсонро ҳам қурбон мекарданд. Пеш аз иди Нил бо фармони сарруҳонӣ аз аҳли мисриён духтараконн соҳибҷамолро ҷамъ мекарданд ва дар рӯзи иди Нил қуръа мепартофтанд ва он соҳибҷамоле, ки қуръа ба ӯ меафтид, дар ҳузури ҳама худро ба об мепартофт. Агар духтарак болои тимсоҳ меафтид ё тимсоҳ ба назди ӯ меомад, мардум шод мешуданд, ки қурбониашонро тимсоҳ қабул кард ва соли сероб меояд. Агар тимсоҳ ба назди қурбоншуда намеомад, ҳама ғамгин мешуданд, ки духтарак гуноҳе доштааст, ки ба тимсоҳ маъқул наомад. Он гоҳ духтари бадбахтро зинда ба зинда дар девори маъбад мегӯронидаанд.

— Ҳоло чӣ?

— Одамро қурбон намекунанд, лекин иди Нилро ҳоло ҳам қайд мекунанд ва ба ҷои духтари соҳибҷамол зочаи хеле оро додашудае ба об мепартоянд, ки номи онро арӯсаки Нил мондаанд.

Бурутдор ба раис норозиёна арз кард:

— Хушам намеояд, ки суханони одамизодро гӯш кунам!

— Аммо ман бо завқи том суханонашро гӯш кардам,— гуфт дандондоре,— ва умедворам, ки ин писар бо иҷозати раис моро бо ҳикояҳои нав хушҳол мекунад.

Раис ба сӯи ман назар андохт ва сари худро бо қаноатмандӣ ҷунбонд. Ман хоҳиши ӯро ба ҷо овардам.

— Шояд хандаовар бошад, аммо як замонҳо гурбаро муқаддас мешумурданд. Дар ҷазираи Тель-Баст, дар яке аз шаҳрҳои қадими Миср Бубастис барои гурбаҳо қасри калоне месохтаанд. Ба зиёрати гурбаҳо, ки онҳоро ходи-

мони моҳ меномиданд, аз дуру наздик бо навбат мардум меомадааст.

Мегӯянд, ки ба гурба ҳатто даст расонидан мумкин набуд. Агар бо гуноҳи тасодуфии ягон кас гурбае ҳалок мегардид, он касро ба қатл ҳукм мекардаанд. Агар дар ҳавлии касе гурба мемурд, аҳли оила мотам мегирафт ва абрӯҳои худро метарошид. Мурдаи гурбаро мумиё мекарданд.

Чӣ ҷои ҳайрат, дар Ҳиндустон барои маймунҳо шаҳрчае сохтаанд ва он шаҳрча ҳанӯз ҳаст ва касе ҳад нарорад, ки дар ин шаҳр маймунҳоро ранҷонад.

Яке бо киноя гуфт:

— Инсон маймунро қариб аст, ки ҷадди худ номад, ҳол он ки аз ӯ некие надидааст!

— Наход,— ғуррид дигаре,— лаёқати фикрии маймун то ба дараҷае баланд бошад, ки инсон ӯро ҷадди худ номад?

— Инсон,— гуфтам,— баъзан саргарми зоҳир шуда мазмунро фаромӯш мекунад. Лекин қодир аст, ки хатояшро ислоҳ намояд. Аз рӯи хулосаи профессор Портман акнун дар масъалаи «лаёқати фикрӣ» инсон ҷои аввалро, дельфин ҷои дуйӯмро, фил ҷои сейӯмро мегирад. Маймун танҳо ҷои чорӯмро!

Ба ҳама, махсусан ба дельфинҳо, ин хулосаи профессор писанд афтид.

Дандондор баъд аз мулоҳизае мадкашон пурсид:

— Мо пеш аз он, ки туро ба қатл расонем, суд мекунем! Лекин барои чӣ шумо ҳайвонро бе суд ба қатл мерасонед?

— Рӯҳониёни асри миёна ҳайвонҳоро суд мекарданд. Дар соли 1968 дар Париж хукро барои хӯрдани бачаи инсон ба сӯзондан ҳукм кардаанд. Дар худи Франция дар соли 1313 барзагове одамро шох мезанад. Барзаговро аввал ҳабс карданд ва баъд мувофиқи ҳукмномаи

суд дар ҷое, ки одамро шох зада буд, ба дор кашидаанд.

Дар моҳи маи соли 1470 дар шаҳри Берн бо маслиҳати рӯҳониён ба коркунони маъруфи адлияи он замон супурда мешавад, ки кори хашароти зараррасони хоҷагии деҳотро дида бароянд. Суд баъд аз шунидани нутқи айбдоркунанда ва ҳимоякунанда чунин ҳукм баровардааст: «Бинобар маслиҳати олимон мо ба чунин қарор омадем, ки шикоят аз болои ҳашароти зараррасон ҳаққонист. Мо онҳоро гунаҳкор ҳисоб мекунем... Ба онҳо лаънат ва нафрат мехонем ва аз номи худои ҳаждаҳ ҳазори олам талаб мекунем, ки ба зудӣ аз саҳро раванд, зироатро хӯрда нобуд накунанд».

Пас барои чӣ ҳозир ҳайвонро суд намекунанд?

— Забони онҳоро намедонем! — ҷавоб додам ман.

— Омӯхтан даркор!

— Аммо шумо маро барои он суд мекунед, ки бо нияти нек забони шуморо меомӯхтам ва дӯстонамро барои он гунаҳкор кардаед, ки ба ман ёрӣ медоданд.

Ба дандондорон ин ҷавоби ман хуш омад, дар лабонашон табассум гул кард. Бурутдорон бо ҷабини турш ва нигоҳҳои ғазаболуд сар то пои маро аз назар гузаронда ба айбдоркунанда суоломез нигаристанд. Айбдоркунанда бо бурутҳояш ба сӯям ишора кард, ки рафта дар ҷои худ нишинам. Фармонашро ба ҷо овардам. Бобо хурсандона ба гӯшам гуфт.

— Ҳеҷ боварӣ надоштам, ки саломат бармегардӣ! Чанд соати дигар умрат дароз шуд, муборак бошад!

«Чанд соати дигар умрат дароз шуд!. На шод шудаму на ғамгин. Одаме ки марг чун ҷаллод ба сари ӯ истодааст ва ҳар дақиқа интизори ҳукмнома мебошад, чӣ парвои ғаму шодӣ дорад. Танҳо як чиз маро азоб медод, ки Амритаро дигар намебинам. Амрита, чӣ духтари азизу меҳрубоне! Мани гарданшаҳ ҳар бор ӯро

ҳаққу ноҳақ меранҷондам, гулҳои табассуми ӯро паж-мурда менамудам, боиси ашкрезии ӯ мегардидам. Бо вуҷуди ҳамаи ин вай вонамуд мекард, ки аз ман наран-ҷидааст ва ба ҷои он ки маро ҳақорат диҳад, худашро сарзаниш мекард, ки барои чи ин қадар нозуктабиат аст. Эй кошки лоақал даҳ дақиқа бо ҳам вомехӯрдему ман сари зону истода бо гирья зориаш мекардам, ки гуноҳамро бубахшад.

VII

## НАҲАНГШАКЛОН АЗ ЗОТИ МОҲӢ НЕСТАНД

* * *

## АБУРАЙҲОН БЕРУНӢ ДЕЛЬФИНРО МАРДУМДӮСТ МЕНОМАД

* * *

## ДӮСТИИ ҶАНОБИ ГРИФИН БО ҚОТИЛНАҲАНГ



Баъд аз рафтани ман баҳс бештар авҷ гирифт.

Раис китфҳояшро ҷунбонда гуфт:

— Лекин, ба ман гӯед, чаро одамони ин замон нисбат ба мо сангдиланд?

Ҳимояткунандаи давлатӣ боодобона аз ҷо ҷунбида ҷавоб гардонд:

— Шояд барои он бошад, ки моро моҳӣ гумон мекунанд.

— Бовар мекунам,— гуфт бо қаноатмандӣ раис.

Айбдоркунанда бетоқат шуд ва фарьёд кашид:

— Ҷаноби ҳимоячӣ, магар шумо хабар надоред, ки Қарл Линней ном олими швейцарӣ чандин сол пеш ҳайвоноти рӯи заминро ба табақаҳо ва табақаҳоро ба гурӯҳ ва гурӯҳҳоро ба тоифа ва тоифаро ба ҷинс тақсим кардааст. Ба табақаи олӣ ширхорон дохил шудаанд.

Дар ибтидо ба кадом табақа дохил кардани наҳангҳо душвор буд. Охир, мо дар назари аввал моҳимонандем, чун моҳӣ ғизо мегирем, шино мекунем, дар об ба дуньё омада, дар об умр ба сар мебарем ва дар об мемурем. Лекин сонитар ин олим мактубе мегирад, ки дар он яке аз дӯстонаш менависад: «Наҳанг ҳайво-

ни ширдиҳанда, шираш ғализу зардранг». Қарл Линней шод мешавад ва наҳангро ба табақаи олӣ дохил мекунад. Инсон ҳам ба ҳамин табақа дохил мешавад.

— Лекин фақат як чизро ба назар гирифтан лозим аст, ки,— гуфт дандондор,— Қарл Линней олими ғарб буд, гунаҳкор фарзанди шарқ.

— Илм шарқу ғарб надорад, чун нури хуршед тамоми дуньёро мунаввар месозад,— гуфт бурутдоре.

— Лекин, агар он шӯъла ҳанӯз то ба кулбаи ин деҳқонбача нарасида бошад?

— Бигузор, ҳамин тавр бошад. Вале ин суханони олими машҳури шарқ Абӯрайҳони Берунӣ дар тамоми дуньё, аз ҷумла, дар худи шарқ ҳам бояд машҳур бошанд. Ӯ навиштааст. ки «Дельфин ҷонварест дарьёӣ ҳамчунон хик,[1] мардумро дӯст дорад, ба киштиҳо унс ёбад, ғарқшудагонро бираҳонад, чи зиндаву чи мурда».

— Лекин фаромӯш набояд кард, ки дар он замонҳо навиштаҷоти одамон танҳо барои олимон буд. Халқ савод надошт, аз меваи дарахте ки олимон мешинонданд, баҳра намебурд.

— Маълум аст, ки бурутҳои мо барои зебу зинат нестанд. Онҳо барои ёфтани рӯзӣ ба мо ёрӣ мерасонанд. Инро инсон хуб медонад. Оре, бурутҳои мо аз мӯи оддӣ нестанд, хеле бақувввату мулоиманд ва барои ин ҳам боиси бадбахтии мо шудаанд. Барои ин гуна бурутҳо шуда ҳазор андар ҳазор нобуд шудем. Одамон моро медоштанд, бераҳмона мекуштанд, аз бурутҳои мо барои соат маҳак, барои тахту катҳо фанар месохтанд, асову чамадону чарххои аробаҳоро оро медоданд. Онҳо дар ғами мо набуданд, фикру зикрашон банди сармоя буд ва ҳаст.

---

[1] Хик — машк.

— Гунаҳкор сармоя аст. Сармоя одамро қотили одам кардааст!

Деги ғазаби бурутдорон ба ҷӯш омад, аз ҳурмат ба адоват гузаштанд.

— Ҷанобони дандондор,— гуфт бо хитоб бурутдоре,— фарз кардем, ки сармоя одамро қотили одам кардааст, аммо шуморо кӣ қотили зоти худ кард?

Дандондоре фарьёд кашид:

— Ҷаноби бурутдср, шумо моро таққир кардед, талаб мекунам, ки узр хоҳед!

— Ҳаргиз! Тамоми дуньё медонад, ки як гурӯҳи шумо, дандондорон, даррандаанд. Англисҳо онҳоро қотилнаҳанг ва русҳо косатка меноманд. Қотилнаҳанг на танҳо моҳиро, балки ҳайвонҳои хунгарм — тюлень, сивуч, гурбаи баҳрӣ ва ҳатто дельфинро, ки аз зоти худи ӯст, мехӯрад. Ин даррандаи беҳаё гоҳ-гоҳ ба морс, сафедак ва наҳангҳои калон низ ҳимла меорад.

— Лекин ин маънои онро надорад, ки вай душмани наҳангшаклон аст.

— Пас душмани наҳанг кист?

— Наҳангҳои бузург душман надоранд. Онҳо ҳокимони баҳранд, фақат баъди марги онҳо лашкари сайёдон, чун кӯсамоҳӣ, акула ва ғайра ба ҷасади онҳо наздик шуда метавонад.

— Чаро кӯсамоҳӣ ба наҳангшаклҳо ҳуҷум намекунад, ҳол он ки мурдаашонро мехӯрад?

— Шояд, барои он бошад, ки наҳангшаклҳо худро мудофиа карда метавонанд. Одам нисбат ба хирс камкувватар аст, аммо аз хирс наметарсад.

— Лекин қотилнаҳанг ба ҳамаи ҳайвонҳои баҳрӣ аз ҷумла ба наҳангшаклҳо ҳамла меорад?

— Бо вуҷуди он, ӯро душмани наҳангҳо гуфтан раво нест, чунки худи вай аз зоти наҳанг аст ва ҷанги вай бо наҳангҳои дигар ҷанги оилавист. Илова бар он,

вай на ба ҳама наҳангҳо ҳуҷум меорад, сайди асосии вай сафедак ва хукҳои баҳрист.

Дандондор дар ҷавоб чизе нагуфт. Лаҳзае хомӯшӣ ҳукмфармо шуд. Раис онро вайрон кард.

— Шумо, дандондорҳо, фахр мекунед, ки дӯсти инсон ҳастед?

— Бале, ҷаноб.

— Не, ҷанобон, хато мекунед! Магар қотилнаҳанги ҳарис, ки аз зоти шумост, дӯсти инсон шуда метавонад?

— Бале, ҷаноби раис. Барои исбот воқеаеро, ки моҳи июни соли 1965 дар Қолумбаи британӣ ба вуқӯъ омадааст, ҳикоя мекунам:

— Дар Қолумбаи британӣ?

— Дар Қолумбаи британие, ки дар Қанада воқеъ аст. Асрҳо боз дар он ҷо моҳигирон аз баҳри ноором моҳӣ мегиранд. Қисмати моҳигиру шикорчӣ қариб як аст. На ҳар вақт шикорашон барор мегирад. Лекин одат ки кардаанд, на хурсанд мешаваду на хафа. Муроду номуродиҳое, ки чун соя аз паяшон мегардад, меросест, ки аз падару бобояшон боқӣ мондааст.

Зиндагӣ танҳо аз такрор иборат нест, дам ба дам нақшҳои тоза мерезад. Чӣ рӯзҳои дурахшоне аз паи шабҳои тор меоянд!

Дар моҳи июни соли 1965 яке аз он рӯзҳои дурахшон насиби моҳигирони Қолумбаи британӣ мегардад. Дар тӯрашон ба ҷои моҳии муқаррарӣ қотилнаҳанге меафтад, ки ҳафт метр дарозӣ ва панҷ тонна вазн доштааст.

— Нафси бад ӯро ба дом афтондааст,— гуфт бо заҳрханда бурутдоре.

Дандондор ранҷид:

— Надониста гап назан!

— Ман гапамро дониста мегӯям. Қотилнаҳанг дар

байни наҳангшаклон баднафстарин аст. Яке аз онҳо дар пеши чамши худам чордаҳ тюлень ва сездаҳ дельфинро нӯши ҷон кард ва боз ҳарисона ба атроф назар меандохт, ки сайди наваш аз даст наравад,— бурутдор баланд-баланд хандид.

— Бас аст хандаи беҳуда! — фармон дод раис ва ба дандондор муроҷиат кард.— Марҳамат ҷаноб, ҳикояатонро давом диҳед.

Дандондор ба бурутдор бад-бад нигоҳ кард ва ҳикояашро давом дод:

— Моҳигирон бо сайди ғайриоддӣ чи карданашонро намедонанд. Ба бахти онҳо ҷаноби Грифин, ки марди америкоӣ ҳасту ҳайвонотро хеле мепарастад, чун аз ин воқеа бохабар мешавад, ҳатто ба хона хабар надода дар худи ҳамон дақиқа бо самолёт ба назди моҳигирон меояд ва бо баҳои ҳашт ҳазор доллар сайдашонро мехарад.

Ҷаноби Грифин харидашро дар қафаси оҳанин гузошта ба воситаи роҳи баҳрӣ ба ватанаш бармегардад. Дар асвои роҳ маҳбус аз даруни қафас фарьёд мекашидааст, қотилнаҳангон овози ӯро шунида ба ёриаш шитофта, дар атрофи киштӣ саф мекашидаанд ва аз даруни об чизе мегӯянд, маҳбус овози онҳоро шинохта бо сӯзу гудозе ҷавоб мегардонад.

Ҷаноби Грифин, ки мисли асири мо хеле булҳавас будааст, суханони онҳоро бодиққат гӯш мекардааст ва ҳатто чанд калимаро аз бар кардааст.

Як саҳар ҷаноби Грифин ба назди асир меояд. Ӯро маъюс мебинад, барои имтиҳон калимаҳои аз ёд кардаашро талаффуз мекунад. Асир бо шунидани овози ӯ хурсандона паҳлу гашта атрофро бо уммед аз назар мегузаронад, лекин ғайри шахсе, ки ӯро гирифтори қафас кардааст, чизе намебинад ва аз нав ғамгин шуда нола мекунад. Ҷаноби Грифин ҷавобан ҳамон калима-

ҳоро такрор мекунад ва худро нишон медиҳад. Асир бо ҳайрат ба сӯи ӯ менигарад ва ором мешавад.

Грифин дар боғи ҳайвонот барои ӯ ҳавзи базебе таъмир мекунад. Қотилнаҳанг ба соҳибаш унс мегирад. Грифин ба ҳавз даромада бо эҳтиёт аввал дуртар, баъд наздиктар омада оббозӣ мекунад ва чун боварӣ ҳосил мекунад, ки ин ҳайвон нисбат ба вай меҳрубон аст, болояш савор мешавад ва ҳатто ба ӯ фармон медиҳад.

— Ва қотилнаҳанг ба хашм наомадааст?

— Баръакс, хурсанд шуда, бо соҳибаш бозӣ кардааст.

— Ҳар чи бошад,— таъкид кард бурутдоре,— дар ғафлат мондан хуб нест. Ҷондоре ки гӯшти бародарашро мехӯрад, аз гӯшти ширини одамизод рӯ нахоҳад тофт!

— Хело хушбахтам, ки аз табақаи дандондорон нестам,— гуфт бо мамнуният бурутдори дигаре.

Дандондорон номус карда ба по хестанд.

— Агар майл дошта бошед, ки баҳри оромро ба ҷунбиш оварем, марҳамат ба майдон дароед. Мо тоби таҳқир надорем ва аз бурутҳои шумо наметарсем.

Қариб буд, ки хунрезӣ ба миён ояд, лекин раис дар байн даромада таъкид кард:

— Фаромӯш накунед, ки шумо дар баҳри бегона ҳастед!

Чун фармони раис қонун буд, ҳама ором шуданд...

## VIII

### НАҚШИ АНГУШТАРИИ АМРИТА



* * *

БАРОИ ЧӢ ШИКАМИ НАҲАНГШАКЛҲО
ВА МОҲИҲО САФЕД АСТ?

* * *

НАҲАНГ КАЛОНТАРИНИ ҲАЙВОНОТИ ДУНЬЁ
БУД, ҲАСТ ВА МЕМОНАД

* * *

ОДАМ АЗ ДАРУНИ СУРХРАГИ НАҲАНГ
ОЗОДОНА МЕГУЗАРАД

* * *

ФИЛ АЗ МУШ МЕТАРСАД

Бобо ба сӯям чашмакӣ зад:

— Афсӯс, ки раис халал расонд ва моро аз тамошои аҷибе маҳрум кард.

— Магар ҷанг тамошо дорад?

— Барои мо беҳтарин тамошо ҷанг аст, дар ҷанг як қисм ҳалок мешаванд. Ҷанги аз ҳама аҷибтар дар сари мурдаҳо барпо мегардад. Магар аз ин беҳтар тамошое ҳаст?

Бобо баъд аз чанде пурсид;

— Ту ҳанӯз наҳор накардаӣ? Ҳамин замон танаффус ба охир мерасад!

Ман чаппотиҳоро нишон дода гуфтам:

— Ин чаппотиҳоро Амрита пухтааст. Он духтараке, ки дина тамоми рӯз аз соҳил ба ин тараф менигарист.

— Ва ту намехоҳӣ нони пухтаи ӯро хӯрӣ?

— Бори аввал аст, ки вай худ хамир карда, чаппотӣ пухтааст ва онро ба ман фиристодааст.

— Ин чӣ маъно дорад?

— Маънои онро танҳо инсон мефаҳмад... инсон.

— Пас чаро намехӯрӣ?

— Намедонам... Худам намедонам... Нигоҳ кун, чӣ гуна зебост.

— Ба рӯяш нақши ҳалқае?

— Ҳалқа не, ангуштарӣ. Ин нақши он ангуштаринест, ки ман ба ӯ ҳадъя карда будам. Чӣ шуд, ки Амрита онро гум кард ва барои ҳамин як чизи ночиз ман ӯро ранҷондам ва ноҳақ бевафо номидам. Маълум мешавад, ки ёфтааст ва нақши онро ба ман фиристода, гуфтанист, ки ангуштарии гумшударо ёфтан осон аст, лекин дили ранҷидаро хурсанд кардан мушкил... Оҳ чӣ духтари зирак аст ӯ!

Ба сӯи соҳил нигаристам, аммо касеро надидам. Танҳо дар тарафи чап гову бузғолаҳо оромона мечариданд. Чӯпонбачаро ҷустам, наёфтам. Шояд вай танҳо набошад,— андешидам ман,— балки бо чӯпондухтараке дар соя нишаста аз имрӯзу оянда худ сухан мегӯяд. Бале, аз имрӯзу оянда. Чунки гузаштаи онҳо чандон бой нест. Баъд, агар одам фақат саргарми гузашта шавад, роҳиояндаро барои худ мебандад. Муйсафедон ҳамин ки як ҷо нишастанд, суханро аз «ёд дорӣ...» сар мекунанд ва онҳо ҳақ доранд. Он чи, ки дар ҷавонӣ барояшон оянда буд, қуввату ғайрати ҷавониро сарф карда, амалӣ карданд ва имрӯз танҳо аз гузашта сухан ронанд ҳам айбе нест. Гузаштаашон барои онҳо азиз ва барои мо машъали роҳ аст. Аммо барои мо, ки нав ба ҳаёт қадам гузоштаем ё гузоштанием, аз оянда азизтар чизе нест. Вақте ки падарам маро велосипедсаворӣ ёд медод, ҳар бор бо такрор мефаҳмонд, ки ҳама вақт ба пеш нигоҳ кунам, лоақал даҳ-дувоздаҳ қадамро дида тавонам.

Онҳое ки танҳо ба зери пояшон менигаранд, албатта велосипедашон чаппа мешавад. Ҳатто паррандаҳо ҳангоми парвоз ба пеш нигоҳ мекунанд. Оянда, чун орзу беинтиҳост!

Бобо ин андешаҳои маро шунида худ ба худ гуфт:

— Аҷаб хислати аҷибе дорад инсон! Фардо ӯро ба қатл мерасонанд, вале вай аз ишқу муҳаббат, аз орзую оянда сухан меронад.

Ман дарҳол гуфтам:

— Ишқу орзу дорам, ки маро инсон меноманд.

— Муҳаббатро бо чӣ муҳофиза мекунӣ? — пурсид бобо.

— Мақсадатро нафаҳмидам.

— Худат дида истодаӣ, ки дар байни наҳангшаклон гурӯҳе ҳаст, ки танҳо як дандон доранд ва бо он муҳаббат ва номуси худро мудофиа мекунанд. Аммо дандонҳои ту бозичаро мемонанд.

— Одамизод даст дорад!

— Даст ба чӣ кор меояд? — пурсид бобо.

— Ҳамаи он чизе ки дар ҷаҳони мо хуб асту зебо, бо дастони инсон сохта шудаанд.

Бобо бо шавқ ба суханонам гӯш медод, ман дастонамро нишон дода гуфтам:

— Дастони одамизод ба ҳама чиз қодиранд, бо ин дастон мо ин ҷаҳонро табдил додем ва рӯзе мерасад, ки ба Зӯҳраю Миррих гулдаста мебарем. Аммо шумо ягона аслиҳае, ки доред, дандони тирмонанд аст, ки он ҳам дар ҳама нест.

— Мо қувва дорем. Илова бар он, рангҳои пӯсти мо посбон ва ёрирасони мост!

— Рангҳои пӯст?

— Ту хеле кунҷков будаӣ. Мехоҳӣ, ки за тамоми сирри мо огоҳ бошӣ. Хайр, пеши ту асрор кушодан гуноҳ нест. Ту акнун барои мо бехатар ҳастӣ. Фардо туро

ба қатл мерасонем. Ҳар чиро, ки дидай ва шунидай, бо худ ба қаъри баҳр мебарӣ!

— То фардо вақтӣ кам мондааст, хоҳишмандам, зуд бош.

— Ту медонӣ, ки шиками моҳиҳо ва наҳангшаклҳо сафед аст. Аммо сабабашро намедонӣ!

— Рост мегӯй, бобо.

— Наҳангшаклҳо рангҳои аблақ, кабӯд, сиёҳ, хираву тира доранд, аммо ранги пӯсти ишкамашон сафед аст. Ҳамаи ин гуногунрангӣ барои худмуҳофизакунӣ ва душманфиребист! Агар пӯсти шикамашон сафед намебуд, сояашон намоён мешуд ва он вақт онҳоро ба осонӣ дида метавонистанд.

— Яъне агар пӯсти пушташон тира ва пӯсти шикамашон сафед бошад, мо онҳоро дида наметавонем?

— Бале, бо ин ранг онҳоро танҳо вақти ҷунбиданашон дидан мумкин аст. Чунки ҳангоми ҳаракат пӯсти шикамашон шӯъла медиҳад. Моҳии беҳаракатро аз тарафе ё аз боло дидан душвор аст. Барои чӣ?

Бобо гумон дошт, ки ман ба суолаш ҷавоб гардонда наметавонам ва хост, ки худаш ҷавоб гӯяд. Аммо мэн гапи ӯро буридам:

— Ҳамаи ин,— фаҳмондам ман,— бозии ранг аст. Об сафед, таги он тира. Ранги пӯсти болоии бадани ҳайвони баҳрӣ бо таги об якранг аст. Бинобар он, аз боло дидан душвор аст.

— Аммо агар аз таги об нигаред?

— Душвор аст. Чунки сафедии шиками онҳо бо оби ширранг ҳамроҳ мешавад. Ранги моҳиҳо ва наҳангшаклҳо онҳоро муҳофиза мекунад. Одамон ҳам вақти ҷанг ниқоби ҳамранги маҳал мепӯшанд.

— Лекин ниқоби мо доимист.

— Барои моҳиҳо ниқоб зарур аст, чунки ҳаёти онҳо муттасил дар хатар. Аммо барои наҳангҳое, ки худован-

дони баҳранд ва аз ҳеҷ чиз наметарсанд, ниқоб чӣ даркор?

Бобо бо завқ хандид ва оҳиста гуфт:

— Сайёд ниқобро барои он мепӯшад, ки сайд ӯро дида натавонад.

— Яъне барои фиреб?

— Бале! Танҳо ба қувваи бозу такья кардан моро ба ҳалокат мебарад.

— Пас фиребу ниқоб пояи устувории наҳангҳост?

— Ҳаргиз! Ниқоб танҳо барои онҳое зарур аст, ки моҳиҳои хурду калонро шикор мекунанд, лекин онҳое, ки таомашон кирмҳои майда аст, мӯҳтоҷи ниқоб нестанд. Чунки сайдашон ба дараҷае майда аст, ки ҳатто наздик шудани душманро ҳис намекунанд. Илова бар он, серрангӣ, инчунин барои зебу зиннат ва аз кадом хел ё зот будани наҳангшаклонро донистан ёрӣ медиҳад.

Ана тамошо кун, наҳангшаклон дар он ҷо ҷамъ омаданд. Гуногунрангии онҳо маъракаро оро додааст. Як гурӯҳ ранги сиёҳи тира дорад, дигаре ранги ҷилодиҳанда, ё доғҳои сиёҳу сафед, ё рахҳои сиёҳу сафед доранд. Мана, дар он ҷо наҳангшаклони шимолӣ истодаанд, ки думашон чун пари шапарак ранги сиёҳу сафед дорад. Ана, дар он ҷо белухаи якранга истодааст, ки холе ё доғе надорад, чун арӯс сафедпӯш аст ва барои ин ҳам ӯро сафедак меномем. Қашалот бошад хокиранг, вале бадани пишаки баҳрӣ пур аз холҳои хокиранг аст. Ҳар чи бошад, ранг пеш аз ҳама барои шикор ва худмуҳофизаткунист.

— Аммо сафедакҳо бениқобанд?

— Наҳанг ва наҳангшаклони сафедранг мӯҳтоҷи ниқоб нестанд. Онҳо дар қаъри баҳр, дар он ҷое, ки умуман равшанӣ нест, сайд мекунанд.

— Табиат чӣ мӯъҷизаҳо дорад. На танҳо дар баҳр, балки дар хушкӣ ҳам ҳайвонҳо ин гуна «ниқоб» доранд.

Масалан, ранги ҷигарию хокистарии оҳуи холдор, ки дар бешаҳо зиндагӣ мекунад, ба дарахтон чунон ҳамранг аст, ки агар думчаашро наҷунбонад, ҳатто бузғолааш ӯро гум мекунад. Дум машъали ӯст!

Ман аз бобо пурсидам, ки аз ҳаёти наҳангшаклон ҳар чиро ки медонад, ба ман ҳикоя кунад. Ман мехостам, ки ҳикояҳои ӯро навишта ба воситаи дӯстони дарьёиям ба Амрита фиристонам. Дар китобҳои дарсӣ аз ҳаёти наҳангшаклон хело кам навиштаанд ва он ҳам рӯякӣ.

Бобо хурсанд шуд ва дарҳол пурсид:

— Оё медонӣ, ҳайвони калонтарин кадом аст?

— Ҳайвоноти дуньёи қадим, ки то мо нарасидаанд,— ҷавоб додам ман.

Бобо эътироз кард:

— Нодуруст мегӯӣ! Наҳанг аз қадим калонтарин ҳайвон буд ва ҳаст. Ҳайрон нашав. Он гуна наҳангҳо ҳамроҳи мо наомадаанд. Омаданӣ буданд, мо иҷозат надодем. Бисьёр кам мондаанд, ҳаёти онҳо барои мо қимат аст. Онҳо маҷбуранд дар ҷоҳое зиндагонӣ кунанд, ки сайёдони бераҳм то ба он ҷо рафта натавонанд.

— Онҳо хело калонанд?

— Дарозии наҳанги кабуд то 33 метр аст.

— Агар рост истад, сараш ба боми хонаи даҳошьёна мерасад.

— Офарин! То 150 тонна вазн дорад.

— Яъне ба вазни ду ҳазор одам баробар. Ин афсона аст!

— Чи ҷои ҳайрат. Танҳо забонаш се ҳазор кило вазн дорад.

— Се ҳазор!

— Дили ту аз гунҷишк хурдтар аст. Лекин дили вай ҳафтсад килограмм. Хуни баданаш беш аз даҳ тонна.





— Дар он сурат рагҳояш бояд аз ҷӯйбор ҳам васеътар бошанд.

— Ман ҷӯйборро надидаам, лекин ҳамин қадарашро медонам, ки сурхраги миёнаш ба дараҷае васеъ аст, ки одам аз он ҷо озодона гузашта метавонад.

— Устухони одам аз қиру оҳан сахттар аст мегӯянд.

— Лекин мекафаду мешиканад. Устухони наҳангро ба осонӣ шикастан ё кафондан душвор аст.

Барои ман ҳамаи он чизе ки бобо гуфт, нав буд. Барои ҳамин, ман ӯро суолборон кардам. Бобо оромона ҷавоб мегардонд. Ман хуб медонистам, ки калонтарини ҳайвоноти қадим, ки дар хушкӣ зиндагӣ мекардаанд, аз панҷоҳ тонна зиёд вазн надоштаанд. Бо ин вазн ҳам ба кӯҳу дашт ва ба пастию баландӣ баромадану фаромадан, роҳ гаштаву чаридан бараяшон мушкил буд ва аз ин сабаб бо мурури замон тухмашон аз рӯи замин пок шуд. Аммо наҳанг яксаду панҷоҳ тонна вазн дорад. Се баробар зиёд. Пас чаро зинда мондааст?

Мақсадамро пай бурда бобо фаҳмонд:

— Агар наҳанг дар хушкӣ мезист, пеш аз дигарон ҳалок мешуд. Аммо вай ҳайвони обист ва об аз вай вазнинтар аст. Илова бар он, устухонҳояш пур аз равғананд, барои ин сабуканд.

— Чизи сабук бебақо мегӯянд.

— Сабуки бобақо! Барои бурдани як устухончаи сари наҳанг даҳҳо арраи оҳанбуриро шикастаанд!

Яке аз дельфинҳои дарьёӣ ба сӯҳбат ҳамроҳ шуд:

— Ба шуниди ман на ҳама наҳангашклҳо садупанҷоҳ тонна вазн доранду сиюсе метр дарозанд!

— Ҳақ ба ҷониби шумо. Наҳангҳое ҳастанд, ки аз наҳанги кабуд сӣ бор хурд ва сиюсе бор сабуктар.

— Чӣ ҷои ҳайрат,—гапашро давом додам ман,—дар байни ҳайвоноти хушкӣ ҳам ин ҳолро дидан мумкин аст. Масалан, муши саҳроӣ аз фил шашсад ҳазор бор са-

буктар аст. Лекин аҷоиб он аст, ки фил аз муш метарсад.

— Фил?

— Бале ҳамон филе, ки шашсад ҳазор бор аз мушаки саҳрой вазнинтар аст.

Ҷӯраҳои маҳбуси ман ва посбонон аз ин суханон завқ бурда баланд-баланд хандиданд. Посбони пир таъкид кард:

— Даҳонатонро пӯшед! Агар ҷаноби айбдоркунандаи давлатӣ хабар ёбад, ҳамаи моро ба қатл мерасонад!

— Вай кай парвои хандаи мо дорад!

— Аз девори кач парҳез мегӯянд одамон,—фаҳмондам ман.

— Дар мо аз соҳили кач парҳез мегӯянд,—қувват дод дельфини дарьёӣ гапамро.

— Барои мо калимаҳои девору соҳил бегонаанд,— гуфт бобо ва ба ман муроҷиат намуд,—чаро аз умри мо намепурсӣ?

— Ман шунидаам, ки аз ду сад то сесад сол умр мебинед.

— Ҳайҳот! Мо аз чил сол зиёд умр намебинем. Ту инро бояд донӣ. Дар ин бора ҳанӯз 2300 сол пеш Арастуи бузург дар китоби «Таърихи олами ҳайвонот» навишта буд.

IX

**БА АМРИТА ЧӢ ШУД? НАХОД, КИ ЁРАКИ НАВ ГИРИФТ? НАХОД, КИ АЙЁМИ БАЧАГӢ БА ОХИР РАСИД?**

* * *

**ПАДАРАМ ФАРДО БА ХОСТГОРӢ МЕРАВАД**



Наҳангшаклон ба нохост наъра кашиданд. Ин наъраи онҳо бонги хатар буд. Ҳама ба ҳар сӯ парешон шуданд.

Киштии бузурге аз дур намоён гашт. Дилам тез-тез задан гирифт. Наход, ки ин ҳамон киштие бошад, ки ман боре савор шуда, бо капитанаш сӯҳбат кардаам. Капитани киштӣ нишони сарисинагӣ ба ман тақдим карда буд, ки дар он лангар нақш ёфтааст. Шодии ман интиҳо надошт. Нишонро бӯсида бар синаам задам ва ба капитан ваъда додам, ки дарьёнаврд мешавам, бо киштии худ ба Москва меравам ва албатта, меҳмони ӯ мешавам. Капитан ноқусе ба ман ҳадья карда гуфт, ки аввал шиновар шав, баъд фикри дарьёнавардӣ кун. Ин дафъа ман дасти ӯро фушурда «хорошо» гуфтам, вай ҷавобан «аҷаҳ»[1] гуфт.

Амрита, ки чанд қадам дуртар истода буд, ин сухани маро шунида, норозиёна ба сӯям нигарист. Ба ман нафорид ва пурсидам:

— Чаро ин тавр ба ман менигарӣ?

Амрита наздам омаду оҳиста ба гӯшам гуфт:

[1] Аҷаҳ—хеле хуб.

— Намехоҳам, ки туро булҳавас номанд?

— Булҳавас?—дар дил андешидам,—барои чӣ булҳавас? Ба ёдам омад, ки ба Амрита қавл дода будам, кайҳоннавард мешавам. Бинобар он, ҳангоми ҳайрухуш ба дӯсти навам гуфтам:

— Ҳамин ки наздат омадам, аз дастам гирифта ба мактаби кайҳоннавардон мебарӣ.

Он рӯз дар деҳаи мо ид буд.

Киштии аз дур намоён шуда, ҳамонест, ки ба мо ризқ оварда буд.

Киштӣ торафт наздик меомад. Ман аз он нигоҳи худро наканда, китоби бачагиямро варақ мезадам.

...Амрита, духтари ғалатӣ, бе ман на мактаб мерафту на аз мактаб бармегашт. Писарбачаҳо бошанд ҳар бор маро таъна мекарданд, ки «ту магар духтарбачаӣ, ки танҳо бо духтаракон мегардию бозӣ мекунӣ». Борҳо ба Амрита гуфтанӣ шудам, ки бо дугонаҳояш ба мактаб равад, лекин нагуфтам. Медонистам, ки меранҷад ва ба гӯшае рафта зор-зор мегирьяд. Солҳо паи ҳам гузаштанд. Кор ба ҷое расид, ки бе вай қадам мондан бароям душвор шуд.

Боре субҳдам китобдонамро гирифта , ба сӯи мактаб равон шудам. Вақте ба ҷои интизории ҳаррӯза расидам ва Амритаро надидам, ҳуш аз сарам парид, гӯё ҷон аз дасту поям баромада буд. Атрофро аз назар гузарондам ва чашмам ба духтарчае афтод, ки тозон ба сӯям меомад. Ин духтари холаи Амрита буд, ки бо модараш ба хонаи онҳо ба меҳмонӣ омадааст. Ба пешвози духтарак тохтам. Вай боадабона «намастӣ»[1] гуфта коғазчаеро ба сӯям дароз кард. Коғазчаро гирифтам, духтарак чизе нагуфта рафт.

Ин хати Амрита аст? Кушода хонам? Агар кушоя-

---

[1] Салом.

му ягон хабари нохуш навишта шуда бошад? Кадом хабари нохуш? Дар воқеъ, барои чӣ холааш омада бошад? Шояд меҳмонӣ баҳонаву мақсадаш дигар аст. Амрита калон шудагӣ, мабодо холааш аз номи ягон падарсӯхтае хостгор шуда бошад. Оре, вай хостгор аст ва эҳтимол гапро аллакай пазондагист ва Амрита, эҳтимол, навиштагист, ки «дигар маро интизор нашав». Не, не! Ба ман мактубаш лозим нест. Ман рафта бо худаш гап мезанам.

Бо ҳамин фикру хаёл худамро дар ҳавлии Амрита дидам. Аз пешам модари Амрита баромад. Салом дода пурсидам:

— Амрита куҷост?

— Дар хона, бетоб аст,—гуфт.

— Ман ӯро дидан мехоҳам.

— Навакак хобаш бурд.

— Намедонед, касалияш чӣ бошад?

— Писарам, аз ман чӣ мепурсӣ, ман табиб набошам...

Дар ин ҳангом дар кушода шуд ва Амрита баромад.

— Рамиш, чаро ту дар ин ҷой? Чаро хоҳиши маро ба ҷо наовардӣ?

— Кадом хоҳиш?

— Магар хоҳаракам хатро нарасонд?

— Ҳанӯз нахондаам.

— Хуб холабеғам будай,—гуфту Амрита ба хона даромад ва дарро пӯшид.

Ман тозон ба мактаб рафтам. Хайрият, ки дарс ҳанӯз сар нашуда будааст. Бачаҳо дар саҳни мактаб бозӣ мекарданд. Бойбачаҳо маро дида пичинг карданд: «Имрӯз танҳо?.. Амритабону чӣ шуд? Эҳтимол ӯ ёраки нав гирифта бошад!»

Бачаҳо маро масхара мекарданд ва баланд-баланд механдиданд. Ман эътибор надода, дохили бинои мак-

таб шудам ва ба гӯшае рафта хати Амритаро хондам: «Қаме нохуш ҳастам. Маро интизор нашуда, ба мактаб рав. Ҳар чи муаллим гӯяд, бехато навис, ба ман ҳам лозим мешавад. Амрита».

— «Ҳеҷ гапе набудаст»,—гуфта нафаси озод кашидам ва мактубро дар ҷайб гузошта ба синф даромадам.

Лекин хурсандиям дароз накашид. Бегоҳӣ, вақте ки аз мактаб омадам, овози Амрита ба гӯшам расид. Истодам. Бинам Амрита дар паси девор истодааст. Шодон ба сӯяш давидам. Вай бо чеҳраи ғамолуде маро пешвоз гирифт ва худро дар оғушам зада гирья кард.

Амрита баъд аз лаҳзае ором шуд ва ҳикоя кард, ки холааш ба модараш гуфтааст, ки Амрита қадрас шудааст. Ҳамин ки ба кӯча бароял, ҳазор чашми ҷавону пир ба сӯяш нигарон мешавад. Дарвозаҳои Ҳиндустонро пӯшидан осон асту даҳони бадгӯйро не. Бохабар шав, ки духтарат бешавҳар намонад.

— Модарат чӣ гуфт?—пурсидам бо овози хаста.

— Мегӯяд, ки, дар ҳақиқат, ҳар бор ки духтарам ба кӯча бароял, на танҳо мардон, балки занон ҳам бо ҳасад ба сӯяш менигаранд. Духтарам соҳибҷамол аст.

— Баъд?

— Баъд модарам маро насиҳат кард, ки минбаъд ҳамроҳи дугонаҳоям ба мактаб равам.

— Ту чӣ гуфтӣ?

— Ман гуфтам, ки ту модари ман ҳастӣ ва ҳар чӣ гӯӣ, ба ҷо меорам, ҳатто агар лозим донӣ, худро луқмаи хоми тимсоҳҳо мекунам. Лекин... Лекин...

Амрита гапашро гуфта натавонист, гирья гулӯяшро гирифт. Вай бархосту тозон рафт.

Ман дурудароз чӣ карданамро намедонистам. Агар модарам намеомад, то пагоҳӣ дар ҳамон ҷо мебудам.

Хостам дарсамро тайёр кунам, натавонистам, хаёлам парешон буд. Ҳар бор оҳ мекашидам ва аз худ ме-

пурсидам:—«Наход, ки айёми бачагӣ ба охир расид? Чаро ин қадар тез гузашт?» Мо нав ба маънои ҳақиқии дӯстӣ расида будем. Акнун мехостем, ки бисьёртар бо ҳам бошем, ҳамроҳ бозӣ кунем, дар соҳили дарьёи муқаддас нишаста байтбарак намоем. Гулҳои беҳтаринро чида ба ҳамдигар ҳадья кунем... Оҳ солҳои чун хобу хаёл ширину бевафои бачагӣ...

Падарам аз саҳро бевақт баргашт. Маро дида ғурбат кард, ки чаро аз мактаб рост ба саҳро, ба назди ӯ нарафтам. Акнун, гуфт, ту бачаи хурдсол нестӣ, мардаки калон шудагӣ. Агар ту ба ман ёрӣ нарасонӣ, як худам аз ӯҳдаи кори саҳро баромада наметавонам.

Падарам ҳар чи дар дил дошт, гуфт, вале ман чун ҳаррӯз сергапу тезҷавоб набудам, сар набардошта хомӯш менишастам. Падарам фаҳмид, ки ин хомӯшии ман бесабаб нест. Ба сӯи модарам чашмакӣ кард. Лекин вай бо овози баланд «мӯйсафед, аввал таоми шомро хӯрда баъд ҷоғ задан гир»—гуфту ба сӯи оташдон рафт. Падарам аз қафои ӯ равон шуд.

* * *

Рӯзи дигар баъд аз дарс бо Амрита номаълум ба соҳили Ганг рафтем ва дар ҷои дӯстдоштаи худ нишастем.

— Ёд дорӣ,—пурсидам ман,—ду сол пеш дар ҳамин ҷо барои бузғолаи ту шуда бойбачаҳо ба ман ҳамла карда буданд...

Ба Амрита ин суханонам, ки борҳо онҳоро шунидааст, нафориданд, бо ғазаб гапро давом додан гирифтам; «..Номардона маро ба об партофтанд. Дельфинҳо маро наҷот доданд, баъд бо онҳо дӯстӣ пайдо кардам, ба омӯхтани забонашон сар кардам. Ҳоло метавонам озодона бо онҳо сӯҳбат кунам ва ғайра...»—Амрита аз ҷо

хесту бо қатъият гуфт.—Агар ягон гапи тоза надошта бошӣ, ман рафтам.

Аз дасташ дошта, хоҳиш кардам, ки шинад.

— Амрита, хабари дина аз ту шунидаамро ба падару модарам гуфтам,—сар кардам ман. Амрита наздиктар омад, — падарам пурсид, ки ин булҳавасии ҷавонист ё чизи дигаре. Ман гуфтам, ки ин муҳаббат аст.

— Шарм накардӣ?

— Худам намедонам. Ҳамин қадарашро медонам, ки тамоми баданам месӯхт.

— Баъд чӣ шуд?

— Баъд пурсид, ки чи чиз шуморо ба ҳам наздик кадааст? Модарам дод зад:

— Мӯсафед, чаро писарамро азоб медиҳӣ? Он чи дуи моро ба ҳам наздик карда буд, онҳоро ҳам наздик кардааст.

— Он чӣ чиз аст?—пурсид падарам.

— Зиндагист! Фарзанди одам барои он ба дунъё меояд, ки зиндагӣ кунад. Оила асоси зиндагист. Ана ҳамин,—ҷавоб дод модарам.

Падарам ба ман рӯ овард:

— Агар мақсад танҳо аз зиндагии хушку холӣ бошад, духтари дигарро ба ту никоҳ мекунам.

Ин суханони падарамро шунида дар дил андешидам, ки чаро духтари дигареро неву Амритаро интихоб кардаам ва баъд ба суоли падарам ҷавоб гардондам:

— Ду чиз моро ба ҳам наздик кардааст: муҳаббат ва ягонагии ақида.

Падарам аз пешониям бӯсиду бо қатъият гуфт:

— Кӯшиш мекунам, ки шуморо ба муроду мақсад расонам.

— Вай,—гуфт модарам,—духтари муаллим,, писари мо бачаи деҳқон.

— Он давраҳо,—гуфт падарам,—ки яке фақир буду

дигаре кабир, гузаштанд. Ҳиндустон дигар мустамлика нест. Мустақил аст. Мо акнун деҳқонони бехонаю дар нестем. Замин дорем. Аз боғамон имсол меваи бисьёр мегирем. Ҳар кас ки аз паҳлуи киштзори мо гузарад, туфу-туфу «чашм нарасад» мегӯяд. Як тӯй не, даҳ тӯй кунем ҳам зӯрамон мерасад.

Дастамро ба рӯи дасти Амрита монда, бо овози ларзон гуфтам:

— Падарам фардо барои хостгорӣ ба назди падару модари ту рафтанӣ...

Амрита сурх шуд, лабашро газиду аз ҷо ҷаст. Аз дасташ дошта:

— Чӣ шуд?—гуфтам.

— Намедонам,—гуфт базӯр Амрита,—намедонам, барои чӣ бошад, ки дилам чун мурғи нимбисмил метапад.

Оҳубараи масти ромнашуда аз наздам ҷаҳида рафт. Ба оби Ганг нигоҳ карда ғарқи хаёлоти ширине гаштам.

...Баъд аз хатми мактаб тӯй барпо мешавад, тӯи Рамишу Амрита! Ба тӯй ёру дӯстони дуру наздик, хешону ҳамсоягон даъват мешаванд. Лекин ҳамаашонро дар хона ҷо кардан мумкин нест. Дил васеъ бошад ҳам, хона танг аст. Барои ин ҳам қисми зиёди меҳмонон дар рӯи ҳавлӣ, ки пешакӣ ба ин мақсад дар он ҷо барги дарахт пошида шудааст, мешинанд.

Амритаю Рамишро бурда дар оби Ганг оббозӣ медиҳанд, либосҳои тоза мепӯшонанд, баъд ба тӯйхона оварда, дар ҷои намоёне мешинонанд. Тамошобинон бо ҳасаду ифтихор ба якдигар мегӯянд: «Чӣ ҷавони гармситорае! Чи духтараки соҳибҷамоле!».

Баъд аз базму тамошоҳо ва зиёфат моро никоҳ мекунанд. Он гоҳ аз рӯи урфу одати қадима ду ҷавон аз хешони наздики домоду арӯс занбаракҳо оварда назди

арӯсу домод мемонанд ва бо эҳтиром «Марҳамат, нишинед!», мегӯянд. Домод барои ҳурмат ба арӯс ишора мекунад, ки аввал вай нишинад. Арӯс барои одоб вонамуд мекунад, ки вай аз хонаи падараш рафтан намехоҳад. Хешовандонаш бо илтимос ӯро болои занбарак мешинонанд. Овози таблу ғижжак баланд мешавад...

Ғарқи хаёлоти ширине будам, ки қатраи об бар рухсорам расид, гумон кардам, ки Амрита гашта омадаасту бо ман шӯхӣ мекунад. Чашм кушодам, ҳама ҷо торик буд. Атрофро абрҳои тира пӯшонда буданд. Дилам сиёҳ шуд. Селборон мешавад. Ҳоло на танҳо селборон, ҳатто борони оддӣ ҳам зарар меовард.

Китобдонамро бардошта ба сӯи хона қадам гузоштам.

## X

### БОДИ МАВСУМӢ ХЕЛО БАРВАҚТ САР ШУД

* * *

### КАМБАҒАЛОН МОТАМ ДОШТАНД, САВДОГАРОН БАЗМУ ШОДӢ

* * *

### КИШТИЕ КИ БАР САРАШ БАЙРАҚИ СУРХ ҶИЛВАГАР БУД БАРОИ КАМБАҒАЛОН ҒАЛА ОВАРД



Боди мавсумӣ хело барвақт сар шуда ва бениҳоят шиддатнок буд. Нӯҳ шабу нӯҳ рӯз давом кард. Нӯҳ шабу рӯз беист борони сел борид. Оби борон бомҳоро сӯрох карда ба хонаҳо мерехт, деворҳоро меғалтонд, соҳилҳоро хароб мекард, кишту кори деҳқононро барбод медод. Тамоми ин муддат одамон аз хонаҳо баромада наметавонистанд. Мо, ҳиндустониҳо, ки чи будани ҷангҳои шадидро танҳо аз китобу кино медонем, он нӯҳ шабонарӯзро, ки бод ваҳшиёна мевазид, борони сел беист меборид ва раъду барқ ҳар он меғурриду замину замонро меларзонд, шадидтарин ҷанг номидем.

Рӯзи даҳӯм оромӣ барқарор шуд. Одамон пеш аз ҳама ба сӯи киштзор давиданд. Ба ҷои киштзор харобазоре диданд. На шолӣ буд, на калам ва на гандуме—ҳама нобуд шуда буд.

Тамоми деҳаро мотам фаро гирифт.

Ғами рӯзгорро хӯрдан лозим буд. Ҳамдеҳагонам барои харидани биринҷу ғалла ба назди дӯкондорон мешитофтанд. Лекин дӯконҳо маҳкам буданд. Одамон ноилоҷ ба ҳавлиҳои соҳибони дӯкон мерафтанд. Дӯкондорон аз дарвоза сар бароварда масхараомез мегуфтанд:

— Биринҷ борон нест, ки аз осмон борад. Бирингро мекоранд. Барои коштан замин лозим аст. Нисфи заминҳои моро харида ба шумо фурӯхтанд, акнун марҳамат, шумо ҳам дӯкондор шаведу биринҷ фурӯшед.

Вақте ки падарам ба яке аз ин баддаҳонҳо муроҷиат кард, вай таомашро ба дигар сӯ гузошта ангуштонашро дар пеши назари мо лесида истода, ӯро ҳатто масхара карда гуфт:

— Солҳои сол ба муқобили англисҳо мубориза бурда, «аз мамлакати мо дур шавед!» гуфта дод мезадӣ. Ана, онҳо рафтанд, дар мамлакати худ кайфу сафо доранд. Аммо ту бошӣ ҳамон аҳмади порина. Чун пештара гадоӣ мекунӣ!

— Ман гадо нестам!—гуфт бо ғазаб падарам,—ман ба пулам чиз мехарам.

Мо чизе надорем. Ба пулат аз ҷои дигар чиз хар!

Падарам ба ҷаҳл омад, хост, ки аз гиребонаш гирад у бар замин занад. Ҳамин дам касе бар китфи ӯ зада оромона гуфт:

— Дастатро ифлос накун.

Падарам қафо гашт ва муаллимро дид.

— Мӯҳтарам муаллими нонгадо, магар ман ифлосам?—пурсид савдогар.

— Мо хуб медонем, ки шумо ҷаҳолатпарастҳо, аз мо созандагони ҳаёти нав розӣ нестед. Инро ҳам донед, ки мо бо англисҳо не, бо мустамликачиён мубориза бурдем. Ҳиндустонро аз панҷаи хунини онҳо раҳондем ва барои ин мефахрем. Аммо шумо тарсончакҳо, ки аз майдони мубориза гурехта будед, бо чӣ мефахред?

— Мо,—дӯкондор бо овози баланде гуфт, ки дигарон ҳам шунаванд,—бо он мефахрем, ки дар чунин рӯзи вазнин мардум барои ёрӣ ба шумо не, ба мо муроҷиат мекунанд!

Муаллим ба атроф назар андохт, одами бисьёреро дид, ки бо халтаю ҷуволҳо истодаанд.

— Бародарон,—муроҷиат кард ӯ,—пулҳоятонро беҳуда сарф накунед; навакак аз Деҳли хабар омад, ки ҳукумати миллии мо ба зарардидагон ёрии моддӣ хоҳад расонд. Ғайр аз ин, дӯстони хориҷӣ ба мо дасти ёрӣ дароз кардаанд...

Рӯзи сейӯм, вақте ки ба мактаб мерафтем, дар бандар киштии бузургеро дидем, ки болои он байрақи сурхи советӣ ҷилвагар буд.

Муаллим фаҳмонд, ки ин киштӣ ба мо биринҷу ғалла овардааст ва иҷозат дод, ки ба дарьёнавардон гулдастаҳо барем...

Ана он киштие, ки ҳоло аз паҳлуи мо мегузарад, ҳамон аст, ки дар он рӯзи сахт моро аз ҳалокат раҳонида буд.

# XI



**ДЕЛЬФИН МАРГИ ҶӮРААШРО ПАЙ БУРДА ҲАЛОК МЕШАВАД**

* * *

**НАҶОТДИҲАНДАГОНИ ИНЖЕНЕР МАҲМУД**

* * *

**ҚИССАИ ҲУЗНАНГЕЗИ ДЕЛЬФИН ҶЕК**

* * *

**ПАДАРАМ БА ХОСТГОРӢ НАРАФТ. АМРИТА РАНҶИДААСТ**

* * *

**ДАРДИ ДАНДОНИ КАШАЛОТ**

Танаффуси дурудароз ба охир расид. Суд сар шуд. Раис шоҳидонро даъват кард.

Дандондоре, ки ба сифати шоҳид ба он ҷо омадааст, ба сухан даромад:

— Ман,—гуфт,—аз чандин воқеаҳое, ки дар ду асри охир рӯй додаанд ва ҳар яки онҳоро бе ашкрезӣ шунидан мумкин нест, бохабарам. Яке аз онҳо чунин аст:

— Дар Италия, дар наздикии Неаполь кӯли Лакарин воқеъ аст, ки обаш ба воситаи гулӯгоҳи борике ба баҳр ҳамроҳ мешавад. Дар ин кӯл дельфинҳо бисьёранд. Бачае он ҷо ба як дельфин ошноӣ пайдо мекунад. Ҳар боре, ки ба соҳил омада «Симо-Симо» (бинипучуқ) гуфта фарьёд кунад, дельфин ҳозир мешавад, бачаро бар пушташ савор карда, ба соҳили дигар, ки дар он ҷо мактабхона будааст, мебарад.

Рӯзе бача касал мешаваду мемирад. Дельфин ҳам баъди чанд муддат аз ғаму ғусса ҳалок мегардад.

Шоҳиди дигаре ба майдон даромад:

— Дар яке аз мамлакатҳои Африко бачаҳо ҳангоми шиновари ба баҳр медароянд. Бачае камқувватӣ карда аз дигарон қафо мемонад. Дельфине пайдо мешавад, ӯро ба пушташ савор карда ба ҷои дур мебарад. Бача метарсад. Дельфин инро магар пай мебарад, ки бачаро баргашта ба ҷои аввала меорад. Баъд аз ин онҳо дӯст мешаванд. Бача ҳар рӯз омада дельфинсаворӣ мекунад...

Яке аз ҳозирон бепарвоёна гуфт:

— Ҳамаи ин воқеаҳо тасодуфӣ ва бачагонаанд. Ягон воқеаеро гӯед, ки агар дельфин дасти ёрӣ дароз намекард, одам ҳалок мегардид.

— Дур намеравам,—гуфт дигаре,—динаяк Маҳмуд ном инженери араб дар завраки мотордор нишаста дар баҳр сайру гашт мекунад. Банохост дучори тӯфон мегардад. Тӯфон аз наҳанги кабуд ҳам зӯру бераҳмтар аст. Парвои худию бегона надорад. Ҳар чи рӯи роҳаш ояд чаппагардон мекунад...

Маҳмуд чун ҳис мекунад, ки заврақ мизонашро гум карда истодааст, дарҳол ба матраси наҷотбахш менишинад.

Атроф торик мешавад. Аз байни абрҳо моҳ дарича мекушояд. Тӯфон хомӯш мегардад. Ваногоҳ аз дур сиёҳие намоён мешавад. Маҳмуд пай мебарад, ки инҳо даррандагони баҳрианд. Лекин илоҷи гурез нест. Чӣ бояд кард?

Банохост матрас ба ҳаракат медарояд. «Ин чӣ асрорест?» меандешад Маҳмуд. Вай мебинад, ки матраси ӯ ба тарафи соҳиле рафта истодааст...

Вақте ки субҳ дамиду қурси сурхи офтоб аз уфуқи баҳрӣ сар бардошт, Маҳмуд чашмонашро кушода, худ-

ро дар баҳри кушод, ягон даҳ километр дуртар аз соҳил дар иҳотаи дельфинҳо мебинад.

Албатта, агар дельфинҳо намебурданд, Маҳмуд луқмаи хоми даррандагони баҳрӣ мегардид.

— Ҷанобон,—хитоб кард яке аз дандондорон,—мо барои худситоӣ ба ин ҷо наомадаем. Некӣ на аз барои худситоист.

Чанд сол пеш бетоб шуда будам, ёрои шикор надоштам. Яке аз ҳамсоягонам барои ман се-чор дона моҳӣ овард ва ман сар фароварда изҳори миннатдорӣ кардам. Лекин чун сиҳат шудам, дар ҳар ҷамъомаде ки менишастем, сухани аввалину дӯстдоштаи ҳамсоям аз касалии ман ва ёрии ӯ буд. Ҳар бор «ҳамсояи ман,— мегуфт бо ифтихор,—касал буд. Ёрои шикор надошт, ман худамро гушна монда, сайдамро ба ӯ додам... Вай ҳарисона мехӯрд...»

Кор ба ҷое расид, ки як рӯз тоқат карда натавониста дар яке аз ҷамъомадҳо аз гиребонаш гирифтам, ки «агар як бори дигар боз ҳамин суханҳоятро шунавам, баъд гила накун!».

Таклиф мекунам, ки аз худситоӣ даст кашед. Бехтараш чизе гӯед, ки гуноҳи одамизодро исбот карда тавонед!

— Он гуна мисолҳо аз афсонаҳои ҳазору як шаб ҳам бисьёртаранд.

— Ва аксарияти онҳо тасодуфӣ.

— Тасодуфӣ?

— Бале! Масалан, аз шамшермоҳӣ борҳо зарар дидаем ва минбаъд ҳам зарар хоҳем дид. Лекин ӯро душман номидан норавост.

Қадом шамшермоҳӣ?

Ҳамоне ки аз оилаи скумбриҳост. Вазнаш то 400 кило мерасад. Фукаш дарозтар аз як метр ва ба шамшер монанд аст. Барои он ҳам ӯро шамшермоҳӣ меноманд.

Шамшермоҳӣ ҳар чи руи роҳаш ояд, пора мекунад. Барои вай фарқ надорад, ки наҳанг аст, ё моҳӣ, киштист ё заврақ. Ҳамаи ин, албатта, на аз душманист, балки иқтизои табиаташ ин аст.

— Танҳо дар як тори бурути ман даҳҳо шамшерпораҳо мебошад!—гуфт яке аз бурутдорон.—Ман ӯро асло гунаҳкор карда наметавонам. Лекин гап аз одам ва кирдорҳои ӯ меравад.

Аз саргузашти дельфини бадбахт Чек тамоми дунё воқиф аст. Ҳар боре, ки номи ӯро ба забон меорам, ҳисси бадбинии ман нисбат ба одамизод бештар меафзояд. Агар шумо ҷанобон намебудед, ман ин одамчаро аввал бо тори бурутам буғӣ карда, баъд тани пора-пораи ӯро ба дасти қотилнаҳангу хукнаҳангҳо месупурдам.

Ҷаноб, фаромӯш накунед, ки вақт кам аст. Беҳтараш саргузашти Чекро ҳакоя кунед.

— Чек дельфини сафеди одамдӯсте будааст. Дар давоми 22 сол дар гулӯгоҳҳои Кук, ки дар ҷазираҳои шимолӣ ва ҷанубии Зеландияи Нав воқеанд, ба киштиҳо роҳ нишон медодааст. Вай ба хизмати инсон чунон ҳам фидокор будааст, ки на танҳо рӯз, балки шабҳо ҳам бе ҳеҷ миннат киштиҳоро пешвоз мегирифтааст ва то халиҷи Тасман гусел мекардаст.

Шӯҳрати Чек дар ҳама ҷо паҳн мешавад. Сайёҳон аз мамлакатҳои дуру наздик, ба ин ҷазираи хурд, ки пештар назарашон намегирифт, тез-тез меомадаанд, то ки бо чашмони худ рафтори ин «моҳии сеҳрнокро» бубинанд.

Мегӯянд, ки тамошои Чек, махсусан дар шабҳои торик хеле шавқовар будааст. Ҳамин ки Чек аз омадани киштӣ хабар меёфт, ба рақс медаромад ва дар шабҳо чунин менамудаст, ки гӯё гулӯлаи булӯрине аз қаъри об ба ҳаво мепарад.

Дар яке аз ҳамин гуна тамошоҳо ҳатто нависанда Марк Твен иштирок доштаст.

Боре мусофире аз киштии «Пингвин» ба сӯи Чек тир холӣ кардааст. Лекин Чек ҳатто баъд аз чунин рафтори ношоиста ҳам дӯстиро бо одамизод бас намекунад. Киштиҳоро чун пештара пешвоз мегирад ва гусел мекунад. Танҳо бо киштии «Пингвин» дӯстиро бас карда, минбаъд на ӯро пешвоз мегирифтасту на гусел мекардаст.

— Магар шахсе ки ба Чек сӯиқасд карда буд, беҷазо монд?

— Шояд вай тасодуфӣ тир холӣ карда бошад?

Айбдоркунанда бетоқат шуда фарьёд кашид:

— Барои ҷаноби шумо ҳамаи фоҷиаҳо тасодуфӣ менамоянд. Дар он рӯзҳо Чек ситораи намоёнтарине буд. Миллионҳо одамон дар орзуи диданаш буданд. Лекин на ҳар кас имконият дошт, ки ба ҷазира ояд. Барои ин пули калоне ва вақти зиёде лозим. Соҳибони музейҳои як қатор мамлакатҳо аз якдигар пинҳонӣ барои ба даст даровардани пӯсту устухонҳои Чек пули калоне ҷудо мекунанд. Пул! Инсон пулро офарида ғуломи он шудааст.

— Агар дар ҳама кор пул гунаҳкор бошад, чаро одамизодро ба ҷавобгарӣ мекашем? Пулро нест кардан лозим аст.

Ин суханони ӯ ба ман маъқул шуданд. Дар ҳақиқат, агар пул намебуду одам ба он эҳтиёҷ намедошт, ва ман дар ин ҷо не, дар паҳлуи Амрита мебудам...

Баъд аз он селборон деҳқонии мо барбод рафт. Давлат ба зарардидагон ба қадри имкон ёрӣ дод, лекин фақат бо ёрӣ зиндагӣ кардан душвор аст. Падару модарам маҷбур шуданд сармояе, ки барои тӯи фарзанди азизашон ҷамъ карда буданд, сарфи рӯзгор кунанд. Барои тухмӣ бо нархи баланд гандуму шолӣ ва барои чорво алаф хариданд. Илоҷи дигар набуд.

Боре Амрита бо хотири ранҷида пурсид:

— Падарат наомад-ку?

— Ҳеҷ чизро,— рӯйрост гуфтам ман,— аз пинҳон кардан намехоҳам, селборон моро ғорат кард. Барои тӯй ҳеҷ чиз надорем.

— На танҳо оилаи шумо, тамоми деҳа зарар дидааст ва дар бораи тӯй гап задан аҳмақист. Гап дар бораи фотиҳа меравад.

— Аммо модарат ба модарам гуфтааст, ки баъд аз фотиҳа ғами тӯйро бояд хӯрд. Қашол додан лозим нест.

— Лекин падарам розӣ нест, мо ҳам охирин рупияи барои ҷиҳоз ғун кардаро сарф кардем.

— Пас чӣ маслиҳат медиҳӣ?

Ту мард ҳастӣ.

Аз суханони «ту мард ҳастӣ!» ки ҳанӯз ба онҳо одам накардаам ва бори аввал мешунавам, хеле дар хиҷолат мондам. Лекин баъдтар одат кардам. Амрита ҳам, ки пештар аз шунидани калимаи муҳаббат сурх шуда, рӯяшро бо дастонаш мепӯшид, акнун озодона ба беибо даъвои тезондани тӯй мекард.

— Медонӣ, Амрита, ин дельфинҳо ба ман чунон унс гирифтаанд, ки ҷон пурсам ҳам не намегӯянд!

— Ту аз онҳо пул пурсиданӣ?

— Бале! Баҳри мо ганҷинаи дурру марворид аст. Бовар кун, баъд аз чанд рӯзи дигар онҳо гардану гӯшу бозувони туро оро хоҳанд дод.

— Чӣ тавр?

— Ман бо дӯстонам—дельфинҳо ба баҳр, ба ҷустуҷӯи дурру марворид мебароям. Мана бо ҳамин дастонам аз қаъри бахр онҳоро мебарорам ва оварда ба зери пойи ту мепошам!

— Мехоҳӣ, ки дар баҳр ғӯтта хӯрӣ?

— Ҳеҷ гапе не.

— Агар ҳаво нарасад?

— Капитани киштии советӣ ба ман ноқус ҳадья карда буд-ку. Ҳавояш то муддати муайяне мерасад. Баъд ман чун наҳанг ҳар замон рӯи об баромада, ҳаво мегирам.

— Чун наҳанг?

— Бале! Наҳанг сар аз об баровардa дуру дароз нафас мегирад ва боз ба баҳр ғӯтта мехӯрад, ва кӯшиш мекунад, ки дар зери об дер-дер нафас кашад, то ки ҳаво сарфа шавад. Захираи ҳавои наҳанг фурӯбурда то ба як соат зиёд мерасад.

Дар ҳавои тоза кислород 21 фоиз аст, ҳавое, ки ҳамроҳи нафаси мо берун меояд 17 фоиз кислород дорад. Аммо ҳавое, ки аз нафаси наҳанг баргашта мебарояд, заррае кислород надорад, наҳанг кислороди фурӯ бурдаашро барнамегардонад. Ин аст ки наҳанг вақт ба вақт сар аз об мебарорад ва ҳавои тоза мегирад. Афсӯс, ки мо ба ин кор ҳанӯз одат накардаем.

— Пас чаро ҳаёти худро дар хатар мегузорӣ?

— То пул ҳаст, ҳаёти инсон дар ҳатар аст.

Ғарқи ин фикру хаёл будам, ки раиси суд номи маро бар забон оварду пурсид:

— Рамиш, мешунавӣ?

— Нола?

— Бале, дандони.. кашалот дард карда истодааст. Агар дандони одамизод дард кунад, чӣ чора мебинанд?

— Агар дард сабук бошад, табобат мекунанд, агар вазнин бошад, канда мепартоянд.

— Чиро?

— Дандонро.

— Набошад дандони кашалотро табобат кун. Агар нағз табобат кунӣ, гуноҳат сабук мешавад. Гуноҳ ҳар қадар сабук бошад, ҳамон қадар тезтар ба қатл мерасонем, то ки кас дар интизории марг азоб накашад.

Аз ноқус баромада болои дельфине нишастам ва ка-

шалотро наздам даъват намудам ва фармудам, ки даҳонашро кушояд. Вай нолишкунон даҳонашро кушод. Дар даҳони ғормонандаш қариб 56 дандон буд, ки 40-тои онҳоро дар ҷоғи поёнаш дидам. Дандонҳои болоиашро дидан душвор буд. Дарозии дандонҳои ҷоғи поёнаш қариб 30 сантиметр. Лекин мегӯянд, ки кашалотҳое ҳам ҳастанд, ки дарозии дандонҳояшон ба як ва якуним метр мерасад.

Яке аз дандонҳои тарафи росташро, ки шикофҳои калон-калон дошту бо хасу хошок пур буд, нишон дода пурсидам:

— Ҳаминаш?

Кашалот бо сарҷунбонӣ «ҳа» гуфт.

Табибӣ магар кори ман буд? Аммо чи кунам, корро кашол додан лозим буд .Аз дельфине, ки ба Баҳри Сиёҳ фиристода будем, то ҳанӯз на хат буду на хабар. Раиси суд бошад «ҳар чи зудтар корро анҷом додан лозим аст» мегӯяд. Имрӯз суд баъд аз шунидани нутқҳои айбдоркунанда ва ҳимоячии давлатӣ бояд ҳукм барорад ва пагоҳ маро ё озод мекунанд ё ба қатл мерасонанд. Агар то он вақт дельфинҳои Баҳри Сиёҳ наоянд, ҳоли мо хароб мешавад.

Шикофиҳои дандони кашалотро тоза кардам. Бо сӯҳони оҳантарош ҷойҳои харобшударо бо як азоб тарошидам ва шикофиҳои дандонашро нағзакак бо об шустам.

— Он чи аз дастам омад, кардам,—гуфтам ба кашалот ва аз нав ба даруни ноқус даромадам.

Кашалот назди раис рафта, бо ҳайрат гуфт:

— Дардаш монд!

Дар бало мондам. Ҳамин ки раис танаффус эълон кард, дар иҳотаи наҳангшаклон мондам, онҳо атрофамро давр зада, даҳонашонро калон мекушоданд ва хоҳиш мекарданд, ки дандонашонро табобат кунам,

Баҳонаи хубе. Қоре кардан лозим буд, ки тамоми рӯз бо табобат банд шавам. Он гоҳ суд маҷбур мешавад, ки корашро ба рӯзи дигар мавқуф гузорад.

Ҳамин тавр ҳам шуд. Тамоми рӯз дасти ман буду дандони наҳангшаклон. Надониста мондам, ки чи тавр офтоб фурӯ рафт.

XII

## ГУРЕХТАН НОМАРДИСТ

* * *

### АГАР МАРГ НАМЕБУД...



Ними шаб бобо ва се дельфини баҳрӣ маро бедор карда бо эҳтиёт гуфтанд:

— Сафедак моро фиреб дод, аз Баҳри Сиёҳ гашта наомад. Пагоҳ рӯзи охирин аст. Аз бурутдорон шафқат пурсидан фоида надорад. Бинобар ин, мо маслиҳат карда ба ҳамин қарор омадем, ки туро ба ватанат гурезонем.

— Гурехтан номардист,—гуфтам ман.

Бобо ранҷид;

— Аз майдони мубориза гурехтан барои мубориз номардист. Аммо ин ҷо майдони мубориза, не, ҳабсхона аст ва ту маҳбус, ягона роҳи наҷоти маҳбуси ба қатл ҳукмшуда фирор аст.

— Тарсончак фирор мекунад.

— Охир марг чун соя аз қафоят мегардад.

— Бале, марг сояи ман аст, чун ман ҳастам, ӯ ҳаст ва чун ман нестам, ӯ ҳам нест. Наход, ки марг худашро бо дасти худ нест намояд? Ҳаргиз!

— Марг душмани ҳаёт аст.

— Офаринандаи ҳаёт марг аст. Агар марг намебуд, аҷдодони ҳайвоншакли мо ба шакли инсонӣ гузашта

наметавонистанд. Марг барои мо, ки осори ӯ ҳастем, мӯҳлати зиндагониро муайян кардааст

— Ва ин мӯҳлат шикастнопазир аст?

— Не! Шартист. Инсон онро то дараҷаи зарурӣ дароз хоҳад кард.

Бобо баъд аз лаҳзае пурсид:

— Мегӯянд, ки одамон заминро монда, ба осмон парвоз карданианд, оё ин дуруст аст?

— Фикри шахсии шумо чист?

— Фикри ман? Одамҳо бетоқатанд, дар як ҷо ором истода наметавонанд. Мегӯянд, ки аҷдодони шумо як вақтҳо чун мо баҳрӣ будаанд. Баъд баҳрро тарк гуфта, худсарона ба хушкӣ баромадаанд.

— Магар кори бад кардаанд?

— Дар баҳр ҳам зиндагӣ кардан мумкин буд?

— Агар аз баҳр намебаромадем, ҳоло мисли ҳамаи баҳриҳо дар зиндагӣ мақсад намедоштем. Инсон, ки сар то по орзую ҷустуҷӯст, аз баҳр ба хушкӣ баромад ва бо ҳамин рафтори худ назар ба баҳриён миллионҳо қадам ба пеш гузашт. Акнун мехоҳад ба коинот барояд ва ин қадамаш пешравии бузургест.

— Чӣ орзуҳое?

— Зиндагӣ беорзу ширин набуд, зиндагиро орзу ширин намуд.

Сӯҳбат ҳанӯз ба охир нарасида, домани шаб бурида шуд. Ҳама дар тарадуди наҳор шуданд.

Дар маҷлиси охирини рӯзи дуйӯми суд раис ба айбдоркунанда сухан дод.

Айбдоркунанда сиву се бор торҳои буруташро ҷунбонда ба сухан даромад. Аз бурутҷунбониаш аён буд, ки аз сиву се дақиқа зиёд вақти ҳозиронро намегирад. Аҷиббаш ин буд, ки ин дафъа вай дар нутқаш дар бораи бо некӣ бо бадӣ ҷавоб додани инсон чизе намегуфт. Эҳтимол, нахост, ки бо ҳимоячии давлатӣ дар ин бора аз нав

даст ба гиребон шавад. Ҳимоячӣ талаб карда буд, ки ҳар кас бояд барои худаш ҷавобгар бошад ва ин фикр ба аксарият писанд афтида буд.

— Ҷанобон,—гуфт вай,—гунаҳкор барои худро бегунoҳ нишон додан мегӯяд, ки гӯё барои ёфтани дурру гавҳар ба баҳр баромада бошад. Ман ба суханони вай бовари надорам. Мақсадаш дигар аст. Дар баҳр наҳангшаклоне ҳастанд, ки одамизод аз буданашон воқиф бошад ҳам, асрори онҳоро намедонад. Бинобар ин, аз паи онҳо афтодааст. Ҷаҳд дорад, ки лоақал яке аз онҳоро даст гирад.

Рамиш ҳам ба ҳамин мақсад ба баҳр баромадааст ва сабабгори ҳалок шудани дельфини ҷавон гардидааст.

Ҳар боре, ки сухан аз марги дельфини ҷавон мерафт, ман чашмонамро мепӯшидам ва лаби зерамро сахт мегазидам ва худро дашном медодам. Чунки агар ман хоҳиш намекардам, вай ба баҳр намебаромад. Лекин фикри айбдоркунанда, ки маро барои донистани асрори дельфинҳо ба баҳр баромадаам, мегӯяд, нодуруст аст. Дельфинҳое, ки одамизод ҳанӯз асрори онҳоро наомӯхтааст, дар уқьёнуси Ороманд, на дар уқьёнуси Ҳинд.

## XIII

**ДИПАВОЛӢ—ИДИ ОТАШ АСТ**

* * *

**МЕҲМОНОНИ ШУБҲАНОК**

* * *

**НАХОД КИ АМРИТА АЗ ДАСТ РАФТ?**

* * *

**БА БАҲР БАРОИ ДУРРУ ГАВҲАР**



Магар ман ҳаёти дельфини ҷавонро дар хатар гузоштан мехостам? Ҳаргиз.

...Рӯзи дипаволӣ буд. Дипаволӣ—иди оташ аст. Дар асл ин иди бачаҳо бошад ҳам, ҳар сол ба иди умумихалқӣ табдил меёбад. Бачагон, ки соҳибҷашнанд, баробари фаро расидани торикӣ рафта мехобанд, лекин калонсолон, махсусан ҷавонон, то бевақтии шаб сайру гашт мекунанд. Чӣ қадар дилдодагон бори аввал дар ин рӯз вомехӯранд, рози дил мекушоянд, аҳду паймон мебанданд. Шаробпарастон аз ин як рӯз алами яксоларо мегиранд.

Падару модарон бачаҳои худро оббозӣ дошта, либоси нав мепӯшонанд, барои дар оташбозӣ иштирок кардан ва харидани мушакҳо аз рӯи имкон ба дасташон пул медиҳанд ва аз рухсорашон бӯсида «муборак шавад» мегӯянд. Бачагон бо чеҳраҳои хандон ба майдони калоне, ки дар он ҷо дар атрофи гулхан сайру гашт барпо мешавад, раҳсипор мешаванд.

Офтоб, ба қавли бошандагони деҳа, даруни баҳр даромад. Шом торик шуд. Аҳли деҳа шамъу чароғҳои равғанини дар атрофи хонаҳо гузошташударо дармегиронданд.

Деҳ чароғон гашт. Дар ҳавои насими форам забонаҳои чароғҳо мерақсиданд. Бачагон мушакчаҳоро дармегиронданду сар медоданд. Бо хандаю шавқун ҳавлӣ ба ҳавлӣ, кӯча ба кӯча метохтанд, бозӣ мекарданд...

Падару модари ману Амрита ҳам ба сайргоҳ рафтанд. Ману Амрита аз ҳама охир рафтем. Амрита маҳзун буд, аммо сабабашро намегуфт.

Дар васати майдон гулхани калоне дармегирифт. Дар деҳаи мо бори нахустин дар иди оташ гулхан дармегиронанд ва дар атрофи сайр ташкил мекунанд. Пештар ин гуна гулханро танҳо дар шаҳрчае, ки чанд фарсах аз ин ҷо дур аст, ташкил мекарданд ва одамони деҳа барои тамошо ба он ҷо мерафтанд. Албатта, ҳама рафта наметавонист. Яке имконияти рафтан надошт, ё рафтан намехост, дигаре либоси муносиб надошт, баробари ин боиси тамасхури шаҳриён шудан намехоҳам мегуфт. Барои дар худи деҳа ташкил додани иди оташ имконият набуд. Акнун, ки Ҳиндустон мустақил аст, ин хел имкониятҳо ба вуҷуд оварда истодаанд.

Гулхани нахустин бо ташаббуси падари Амрита, ки пеш муаллим буд ва ҳоло мудири мактаб аст, ташкил ёфт. Талабагон бо сардории ӯ як моҳ пеш ҳезум, латтапораҳо, баргу шохчаҳои хушкшударо барои оташ муҳайё карданд.

Бо хоҳиши аҳли деҳ гулхани аввалинро падари Амрита даргиронд.

Барои озмуд аз шаҳрча қариб даҳ нафар одам омад ва ҳар яке дасти муаллимро фушурда бо кинояву шӯхӣ «бо шаҳр мусобиқа карданиед?» мегуфтанд. Муаллим бо табассум деҳотиён ҳам инсонанд, инсон меҳнат мекунад, ки роҳат бинад гуфт, ва онҳоро ба зиёфат даъват кард.

— Шароби ҷавзи ҳиндӣ ҳаст. Дар чунин рӯзҳо нӯшидани он савоб бошад.

Онҳо ба ҷои зиёфат равон шуданд. Ҳамин вақт аз

тарафи дигар меҳмони нав бо ҷавонписаре пайдо шуд. Меҳмон, ки дар тан либоси тоза, дастасо ва бар чашм айнаки кабуд дошт, омада муаллимро оғуш карду бӯсид ва ҳамроҳашро нишон дода меҳрубонона гуфт;

— Ин аст писари ман. Ман аминам, агар ӯро ба писарӣ қабул кунед, шуморо аз ман ҳам зиёдтар ҳурмат хоҳад кард...

Дар ин лаҳза ба ман чунин намуд, ки аз осмон бомбаи калоне афтоду таркид ва маро пора-пора кард. Ба сӯи Амрита нигаристам, ӯро надидам. Аз наздам рафта аст. Чаро?

Девонавор одамонро тела дода, пеш медавидам ва Амритаи худро меҷустам. Вале аз ӯ дарак набуд.

Тозон ба ҳавлиашон рафтам. Дар баста буд. Чи қадар задам, ҷавоб наомад. Назди тиреза омадам. Садои гирья ба гӯшам расид. Тирезаро кӯфтам, фарьёд кардам.

— Амрита, кушо, ман Рамиш.

Садои кушода шудани дар ба гӯшам расид. Ба сӯи дар тохтам.

Амрита худро ба оғӯшам заду гирист. Ман ӯро тасалло додам ва хоҳиш кардам, ки дигар гирья накунад. Вай бо гирья пурсид:

— Савдогару писарашро дидӣ?

— Дидам,—гуфтаму гулӯям хушк ва дасту поям суст шуд. Аз Амрита хоҳиш кардам, ки чӣ будани ин савдогарро гӯяд.

— Мегӯям,—гуфт вай,—ба шарте, ки ҳамин замон мегурезем. Ба Деҳлӣ меравем. Дар он ҷо холаи ман зиндагӣ мекунад. Гушна намемонем. Шартро қабул мекунӣ?

— Аввал сабаби гурехтанро гӯй, баъд...

— Дар роҳи муҳаббат дудила шудан номардист,— гуфт Амрита ва бо қатъият ба сӯям нигарист. Аз ниго-





ҳаш аён буд, ки бар сараш рӯзи сахт омадааст, лекин вай таслим шудан намехоҳад ва дар ин дақиқа дили маро фаҳмиданист. Ман, ки лофи ёрӣ мезанам, оё ёри фидокор шуда метавонам ё на? Ҳар як рафтору гуфтори нодуруст ё ғайри қатъии ман дар ин лаҳза метавонад тамоми орзуҳои неки маро барбод диҳад. Ду гӯш дорамy як дахан. Дар ин лаҳза беҳтараш бисьёртар шунаваму камтар гап занам.

— Чаро хомӯш шудӣ,—пурсид Амрита,—буздилӣ карда истодаӣ?

— Гӯшам ба ту.

— Ду-се рӯз пеш, ана ҳамин савдогар як соата меҳмони мо шуда буд. Бо падарам қаҳва нӯшида сӯҳбат кард. Модарам дар хизмати онҳо буд. Ман дарс тайёр мекардам. Гоҳ-гоҳ аз тиреза нигоҳ карда бинам ҳам, чи гуфтанашонро намешунидам.

Намедонам, ки аз чи хусус гап мезаданд. Аз афташ, суханони меҳмон ба модарам маъқул омада буданд, ки чеҳрааш торафт хандонтар мегардид. Табассумҳои падарам сохта буданд.

Вақти рафтан меҳмон ба назди ман омад. Ман боадабона аз ҷо хестам. Вай пурсид, ки оё дарс тайёр карда истодаам? Ман «бале, ҷаноб» гуфтам. Баъд пурсид? «кӣ шудан мехоҳӣ?», «ҳанӯз фикр накардаам, ҷаноб» гуфтам. Вай хандиду гуфт, ки «ман барои ту ҷаноб не, падар ҳастам» ва дафтарҳоямро аз назар гузаронида, илова кард: «Ба илми ҳисоб бештар аҳамият деҳ, он вақт метавонӣ барои рафиқи ҳаёт дастьёри хубе бошӣ». Аз шунидани ин суханони беодобонаи ӯ қариб буд, ки дод занаму гӯям «гум шав, аз пеши назарам!» Лекин ба хурмати падарам, ки дар он ҷо бо модарам истода буд, худдорӣ кардам. Дафтару китобҳоямро бардошта рафтанӣ шудам, лекин вай «гапамро,—гуфт,—ҳанӯз ба охир нарасондаам, гӯш кун, ҷонакам. Иди дипаволиро бо пи-

сарам дар деҳаи шумо гузаронданиям. Бо писарам меҳмони деҳи шумо шуданиям. Писарам бори аввал, ба ин ҷо меояд. Мехоҳам, ки ту, духтараки зиракам, ба вай роҳбалад шавӣ. Ин як. Дуйумаш ҳамин ки туро бо модарат ба меҳмонӣ ба шаҳр даъват карданиям. Умедворам, ки даъвати маро рад намекунед. Падарат рафта наметавонистагист, кораш бисьёр барин. Ана дар он ҷо, дар шаҳр, писарам роҳбалад мешавад. Бо ҳамин ҳисобу китоб баробар. Қасе аз қасе қарздор не!»

Ман дар ҷавоб чизе нагуфта ба модару падарам нигаристам. Аз табассумашон чизе нафаҳмида ба хона даромадам... Сабаби ғамгинии чандрӯзаи ман ҳамин аст.

— Чаро ба ман дар ин хусус чизе нагуфтӣ?—ранҷида гуфтам ман.

— Гумон кардам, ки шӯхӣ мекунад.

— Акнун?

— Акнун, баъд аз омадани савдогар боварӣ ҳосил кардам, ки ҳамаи он чизе, ки дидаму шунидам, шӯхӣ набудааст.

Баъд аз лаҳзае Амрита пурсид:

— Шартро қабул мекунӣ ё на?

— Наход, ки гурехтан роҳи ягона бошад?

— Шарт аст. Ту натарс, роҳпулӣ дорам. То Деҳлӣ мерасад. Мана.

Амрита сандуқчаеро кушод, ки дар он пӯшокҳояш ва даруни ҳамьёни хурде чанд рупия буд. Нохост назарам ба сурате афтид, ки аз дарун бар сандуқча часпонда шуда буд.

— Ленин?—пурсидам.

Амрита дарҳол сандуқчаро пӯшонду рангаш канд. Баъд аз фосилае гапамро тасдиқ кард.

— Ленин.

Хомӯшии дуру дарозе ҳукмфармо шуд, ки ман онро вайрон кардам:

— Ин расм чӣ тавр ба дасти ту афтод?

— Вақти зинда будани Ленин аз тамоми дуньё ба зиёраташ камбағалон мерафтаанд. Аз Ҳиндустон ҳам. Онҳо бо Ленин вомехӯрдаанд, аз камбағалию бечорагии худ арз мекардаанд ва Ленин, ки олими бузург будааст, мегуфтааст: «Он субҳи босафое, ки шумо интизори он ҳастед, хоҳад дамид». Бо ҳиндустониҳо ҳам ҳаминро гуфтааст ва илова кардааст.—«Пояи ҳукмронии мустамликачиён чандон устувор нест Пӯсида истодааст...»

Яке аз онҳое, ки ба назди Ленин рафтааст, дар бозгашт аз тарафи англисҳо ҳабс мешавад ва дар ҳабсхона мемурад, сандуқчааш ба дасти бобоям меафтад, ки ҳаммаслаки ӯ будааст ва ҳамроҳ маҳбус будаанд.

— Кадом бобо?

— Падари падарам. Вай соли 1925 дар шӯриши зидди мустамликачиён дар Калкатта шаҳид шудааст.

— Агар ин сандуқчаро бо худ барем, падарат меранҷад?

— Акнун вай барои нигоҳ доштани сурати Ленин ҳақ надорад.

— Барои чӣ? Вай ҳамеша тарафдори халқ буд. Магар фаромӯш кардӣ, ки вай бо падарам чи тавр деҳқонро ба исьён даъват карда ба по хезонд. Ба падари ман падари ту роҳи дурустро нишон дод... Ҳозир ҳам деҳқонон дар шахси падари ту такьягоҳи худро мебинанд... Ҳукумат ҳам чорабиниҳои худро ба воситаи падарат мегузаронад...

— Аммо агар халқ фаҳмад, ки падарам духтарашро ба писари савдогар доданист?

— Савдогар ҳам одам аст.

— Не... халқ, ин тавр намегӯяд... Халқ хуб медонад, ки савогар хуни ӯро мемакад. Охир, дина бо чашмат дидӣ, ки баъд аз офати селборон савдогарҳо чи тавр мардумро масхара карданд... Не, Рамиш, дар ҳавлие,

ки савдогару судхўр меҳмон мешаванд, Ленин қадам намегузорад.

Дар торикӣ овозе шунида шуд.

— Падару модарам? — гуфт Амрита, — чаро яккаву танҳо? Савдогар чӣ шуд?

— Амрита, — гуфтам хурсандона, — падарат аз хели одамони бевиҷдон нест... Падарат... падарат чӣ гўям. Медонӣ, одаме ки солҳои дароз сурати Ленинро дар хона ва муҳаббати ўро дар дил мепарварад, асло ба душманони халқ духтарашро намедиҳад! Бовар кун, Амрита! — инро гуфта, аз назди Амрита бошитоб рафтам. Вақте ки аз паҳлуи тирезаи Амрита гузаштанӣ шудам, ўро дар назди тиреза дидам, наздиктар омада оҳиста-как вале бо қатъият гуфтам, — фардо ба баҳр, ба ҷустуҷўи дурру гавҳар мебароям. То дидори хуш!

Пагоҳи дигар, баъд аз наҳорӣ ноқусамро пушторa карда ба назди ҷўраҳои худ — дельфинҳо раҳсупор шудам.

Чун арзи маро дўстонам шуниданд, афсўс хўрданд:

— Аз дасти мо ҳеҷ чиз намеояд. Мо зодаи дарьё ҳастем, ба обу ҳавои баҳр одат накардаем. Баҳр барои мо марг аст.

Аммо яке аз онҳо, ки нисбатан ҷавон буд, муқобил баромад.

— Шумо тарсончакӣ мекунед. Мо одат накардаем мегўед. Барои одат кардан ба баҳр баромадан лозим аст.

— Хатарнок аст.

— То кай дарьёӣ бошем, мо бояд барои худ роҳи баҳрро кушоем, он тавре ки одам роҳи коинотро кушод!

Дельфинҳои дигар гуфтанд:

— Марҳамат, чор тараф қибла. Мо мехоҳем, ки ҳамон кушояндаи роҳи баҳр ту бошӣ.

Дельфинҳо ба ҳар сӯ парешон шуданд. Ман маъюсона аз ҷо хестаму рафтанӣ шудам. Лекин дельфини ҷавон, ки Нуқра ном дошт, ба наздам омада фармон дод.

— Савор шав!

-- Хуб намешавад!

— Савор шав. Ғалаба бекурбонӣ намешавад.

* * *

Вақте ки ба баҳр баромадем, аз Нуқра пурсидам:

— Худро чӣ тавр ҳис мекунӣ?

— Бад не,—гуфт дар ҷавобам.

— Набошад,—гуфтам,—ту дар ҳамин ҷо меистӣ, ман ана дар он ҷо ғӯтта мезанам.

— Ҳамроҳ меравем!

— Беҳтараш бо обу ҳавои баҳр ошно шав.

Нуқра розӣ шуд. Ман дуртар рафта ғӯттавар шудам. Бахт ба рӯям табассум кард. Халтачаи ҳамроҳ овардаамро аз дурдонаҳои калон-калон пур карда, зуд баргаштам.

Дар роҳ наҳангшаклони баҳрӣ маро гирифта, ҳабс карданд ва аз ҳалок шудани ҳамроҳам хабар доданд. Ман хоҳиш кардам, ки мурдаашро нишон диҳанд. Гуфтанд, ки аз рӯи одат дар баҳр мурдаро нигоҳ намедоранд... Боз илтимос кардам, ки маро ба соҳил наздиктар баранд, то ба воситаи дельфинҳои дарьёӣ ба падару модарам аз ҳабс шуданам хабар диҳам. Ин хоҳиши маро ба ҷо оварданд.

# XIV



## ИНСОН ТОҶИ САРИ МАВҶУДОТ АСТ

* * *

## ҲУКМИ СУД ҚАТЪИСТ!

* * *

## ҚОТИЛНАҲАНГОН БАРОИ ИҶРОИ ҲУКМИ ҚАТЛ ТАЙЁР БУДАНД

Айбдоркунанда дар поёни суханаш талаб кард, ки ба ману ҷӯраҳоям ҳукми қатл бароварда шавад.

Ҳимоякунанда ба минбар баромад. Вай гуфт, ки бо қатл кардани як бачаи навхат на шумораи инсон кам мешаваду на умри ҳайвон зиёд.

— Бо ҳамин роҳ мо душманони худро нест мекунем ва дар дунъё ҳокими мутлақ мешавем,—луқма дод бурутдоре.

— Чи орзуи ширине! Лекин қонуни табиат дигар аст.

— Яъне!—дод зад айбдоркунанда.

— Дар табиат ҳамаи мавҷудоти зинда ба ҳам зич вобастагӣ доранд. Аввалӣ ба дуйӯмӣ ва дуйӯмӣ ба сейӯми ва сейӯмӣ гоҳе ба аввалӣ вобастааст. Вайрон шудани ин силсилаҳо боиси сар задани фалокатҳои ғайри матлуб мегардад. Рамиш ба ман ҳикоя карда буд. ки дар Норвегия ба нияти ҳимояи мурғҳои дариву ҳилол ҳамаи ҳайвоноти даррандаро нест мекунанд. Дар давоми ду сол шумораи мурғҳо чанд карат меафзояд. Лекин дар соли сейӯму чорӯм беҳисоб кам шудан мегирад.

— Барои чӣ?

— Олимон исбот кардаанд, ки сабаби асосӣ дар нест кардани даррандагон аст. Даррандаҳо одатан он мурғҳоеро дастгир карда метавонанд, ки ба касалие гирифтор шудаанд ва сайди онҳо имконияти паҳн шудани касалиҳоро дар байни паррандагон маҳдуд мекардааст.

Дар ҳақиқат, ман ин воқеаро ба ӯ ҳикоя карда будам. Ҳамаашро, чи тавре ки шунида буд, гуфт. Танҳо дар охир илова кардан лозим буд, ки афзалияти инсон дар он аст, ки хатои худро зуд мефаҳмад ва ислоҳ мекунад.

Раис ба ҳимоякунанда муроҷиат намуд:

— Хулосаи шумо, ҷаноби ҳимоячӣ?

— Аз суди адолатпарвар хоҳишмандам вақти ҳукм баровардан ба назар гирад, ки онҳо бори аввал гуноҳ содир мекунанд ва худашон оқибати онро намедонанд.

Ҳимоякунанда дар ҷояш нишаст. Раис ба ман суханни охирин дод. Хуб медонистам, ки «бо сиёҳдил чи суд гуфтани ман, наравад мехи оҳанин дар санг». Лекин ба ҳурмати раис чизе гуфтан лозим буд.

— Ҷаноби раис ва аъзоёни мӯҳтарами суд,—ба сухан даромадам,—ман нав ба 18 қадам мондаам. Барои шумо, ки аз сӣ ва чил зиёдтар умр намебинед, ин рақам ними умр ҳисоб мешавад. Лекин барои инсон ибтидои ҳаёт аст. Ман акнун ба ҳаёти бошуурона қадам мондаам ва хизмати аввалини ман барои илм ва башарият он аст, ки забони наҳангшаклонро омӯхта, ба дельфинҳо, ба ҷӯраҳои худ, маънои зиндагиро фаҳмонам.

— Маънои зиндагӣ чӣ будааст?—пурсид раис.

— Беҳтараш аз дельфинҳои маҳбус пурсед,— хоҳиш кардам ман.

Раис ба яке аз маҳбусон рӯ овард:

— Марҳамат, бигӯй, маънии зиндагӣ чист?

Дельфин ҷавоб дод:

— Зиндагӣ танҳо аз хӯрдану хуфтан иборат нест!
Раис суоломез ба ман нигарист.

— Ҳайрон нашавед, ҷаноби раис,—дарҳол арз кардам,—ин суханон ҳарфи аввалини алифбои инсонанд.

— Шумо мехоҳед, ки мо инсон шавем?—пурсид бо ғазаб бурутдоре.

— Инсон тоҷи сари ҳастиҳост!

* * *

Баъд аз танаффуси кӯтоҳе суду аъзоёнаш омаданд ва мо бо имои бурутдорон ҳама аз ҷо хестем. Суд эълон кард:

— Айбдоркунанда талаб кард, ки гунаҳкоронро ба қатл расонем, ҳимоякунанда хост, ки ҷазои сабуктаре диҳем.

Мо чун суди адолатпарвар ин талабҳои айбдоркунанда ва ҳимоякунандаро аз дилу ҷон тарафдорӣ карда, ба ин қарор омадем:

1. Гуноҳи Рамиш ва ҷӯраҳои хоини ӯ вазнин аст ва сазовори ҳукми қатл аст.

2. Чун маротибаи аввалин аз тарафи онҳо ин гуна гуноҳи вазнин содир шудааст ва онҳо ҳатто аз оқибати он хабар надоштанд ва дигар ин хел гуноҳро содир намекунанд, суд қарор мекунад, ки ҳар кадоми онҳо ба муддати панҷ сол ба ҳабс гирифта шаванд.

3. Бинобар он ки мо ҳабсхона надорем, гунаҳкорон ба қатл расонида шаванд.

Ҳукми суд қатъист, иҷрои он ба қотилнаҳангҳо супорида мешавад.

Раиси суд аз мо пурсид:

— Сухани охирин доред?

Яке аз дельфинҳо иҷозат гирифту гуфт:

— Мо ба шакли нави ҳаёт дохил шуданӣ будем.

Шумо барои ин моро ба қатл мерасонед. Қори бошарафи моро дӯстони мо давом хоҳанд дод.

Суханони дельфини ба қатл ҳукмшударо шунида гул-гул шукуфтам. Маълум мешавад меҳнати чандсолаи мо самараи хубе бахшидааст, замоне буд, ки инсон бо ҳазорон иштибоҳ аз баҳр ба хушкӣ роҳ меҷуст, имрӯз дельфини асрҳо дар ғафлатмонда пайрави ӯ шуданист...

## XV

## ИШҚ ҒАЛАБА КАРД!



Дар лаҳзае, ки қотилнаҳангони ҳарис дандонҳояшонро тез карда, барои иҷрои ҳукми суд тайёрӣ медиданд, ба ногаҳ наъраи шодиёна баланд шуд.

Ин наъраи Сафедак буд, ки аз Баҳри Сиёҳ бармегашт. Наъраи ӯро шунида наҳангшаклон ба истиқболаш баромаданд ва атрофи ӯро гирифта, суолборонаш карданд.

Сафедак фаҳмонд, ки дар Баҳри Сиёҳ зоти афалинҳо зиндагӣ мекунанд ва чун имрӯзашонро фаҳмидам, аз гузашта чизе напурсидам. Хостам, ки зудтар баргардам, лекин соҳибҷашнон намонданд.

— Қадом ҷашн?—пурсид раис.

— Ба муносибати фармони одилонае, ки дар ин рӯзнома чоп шудааст! Марҳамат, ҳазрати раис,— Сафедак рӯзномаро ба раис супурд.

Раис онро аз назар гузаронда шодона гуфт:

— Дар ин ҷо фармони Вазорати моҳидории СССР чоп шудааст. Аз рӯи ин фармон дар Баҳри Сиёҳ шикори дельфин манъ карда мешавад. Баҳ, баҳ! Ба муносибати ҳамин фармони одилона ба маҳбусон афви умумӣ эълон мекунам.

Ғулғулаи шодӣ ба осмон печид. Фақат ин фармон ба қотилнаҳангон нафорид. Онҳо на чапак заданду на табассум карданд...

Дар соҳил маро падару модарам ва Амритаю падару модараш пешвоз гирифтанд.

Ман халтаро кушода дурру гавҳари аз қаъри баҳр берун овардаамро ба пеши пои Амрита рехтам.

Амрита, ба дурру гавҳар аҳамият надода худро ба бағалам зад ва хурсандона гуфт:

— Ту зиндаӣ!!

— Бале,— гуфтам,— Ишқ ғалаба кард.

Барои дастрасии китобҳои ҷолибу судманди дигар ин навиштаҷотро пахш кунед ё ба сомонаи зерин гузариш кунед:

t.me/kitobju

**Мирсаид Миршакар**

**ЖЕМЧУЖИНЫ АМРИТЫ**

на таджикском языке

Муҳаррир Ҷамолиддин Ҷаримзода
Муҳаррири расмҳо В. Будный
Муҳаррири техникӣ И. Ғаниев
Мусаҳҳеҳон М. Ҳасанова
ва Ч. Тағайбердиев

Ба матбаа 30/III-71 супурда шуд. Ба чопаш 29/IX-71 имзо шуд. Формати $70 \times 108^{1}/_{32}$. Ҷузъи чопӣ 2,875. Ҷузъи чопии шартӣ 4,02. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 3,38. Қоғази № 1. Адади нашр 10000. Нархаш 11 тин. ҚЛ 02954. Супориши № 662.

Душанбе, нашриёти «Ирфон», кӯчаи Шевченко, 10.

Комбинати полиграфии Комитети матбуоти назди Совети Вазирони РСС Тоҷикистон.

11 тин
149702
Китобхонаи миллии Точикистон

НАШРИЁТИ „ИРФОН“
Душанбе